Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№24 (1173)
Панҷшанбе, 13 июни соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



**Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Боғи «Куруши Кабир»-ро ифтитоҳ намуданд**

с. 2

# Корҳои фаҳмондадиҳӣ - мусоидат баҳри рушд




КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

## Камбудиҳо дар истифодаи МНХ

Тарзи дурусти истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ)

с. 3

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

## Маблағҳои барилова ошкоршуда

Мақсади муоинаи хронометражӣ - муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда

с. 4

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

## Ифшои фаъолияти ғайриқонунӣ

Модулҳои нави барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо монеаи пешниҳоди ҳисобнома-фактураҳои қалбакӣ

с. 5

## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2019 Раҳимзода Абдусалом, Маликзода Нарзулло Саймидин, Мелихзода Каъбатулло Нарзулло муовинони Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуданд.**

Ёдовар мешавем, ки қаблан Раҳимзода Абдусалом дар вазифаи сардори Раёсати санҷишҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маликзода Нарзулло Саймидин дар вазифаи сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мелихзода Каъбатулло Нарзулло дар вазифаи сардори Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекарданд.

РАЗВИТИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

## Как начать свой бизнес и уплачивать налоги

Проведение разъяснительных работ по применению налогового законодательства Республики Таджикистан – важная обязанность налоговых органов

с. 13

# Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Боғи «Куруши Кабир»-ро ифтитоҳ намуданд

**7 июн Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Шоҳмансури пойтахт Боғи «Куруши Кабир»-ро ифтитоҳ карданд.**

Ёдовар мешавем, ки 21 январи соли 2018 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносой бо рафти корҳои созандагию ободонӣ дар як қатор иншооти пойтахт ба роҳбарияти Агентии захираҳои моддии давлатӣ барои пурра азнавсозӣ кардани боғи атрофи Театри давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ дастуру ҳидоятҳо дода буданд.

Дар асоси супориши Пешвои миллат дар ин ҷо бояд майдони футболи хурд, корти теннис, майдончаҳои дигари варзишӣ, аз қабили тенниси рӯи миз, нишастгоҳҳои бо нақшу нигори миллӣ ороёфта сохта мешуд.

Инак боғ баъди азнавсозӣ бо тарҳи хеле зебову муосир мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Масоҳати Боғи «Куруши Кабир» наздики 5 гектарро ташкил медиҳад.

Барои нигоҳубини боғ ва хизматрасонӣ 40 нафар бо ҷои кор таъмин хоҳанд шуд. Дар рафти азнавсозии боғ 150 нафар сокини маҳаллӣ ба корҳои сохтмониву васлкунӣ ҷалб гаштанд. Тадбири азнавсозии боғ ҷиҳати ободонӣ ва боз ҳам зебову ҷолиб гардонидани симои пойтахти кишвар ба роҳ монда шудааст.

Акнун хоҳишмандон метавонанд ба боғ тавассути 22 даромадгоҳи хурд ва 4 даромадгоҳи калон, ки дутояш бо фавворахо ороиш ёфтааст, ворид гарданд. Дар ду тарафи боғ амфитеатрҳо бо фаввораҳо сохта шудаанд, ки барои гузаронидани маъракаҳои фарҳангӣ омода мебошанд.

Ғайр аз ин барои гаштугузор ва истироҳати сокинон ва меҳмонони пойтахт 4 адад майдончаи истироҳатӣ, ду адад гулгашт бо фаввораҳо ва 90 адад нишастгоҳҳо сохта шудаанд.

Баҳри дилхушии кӯдакон чор майдончаи бозӣ бо насби таҷҳизоти махсус омодаи истифода мебошад.

Дар масоҳати 1640 метри мураббаъ се адад майдончаи варзишӣ барои бозиҳои футбол, волейбол ва тенниси рӯи миз сохта шудаанд.

Дар ҳудуди боғ 4 қаҳвахона, аз ҷумла 2 адад пӯшида ва 2 кушода баҳри хизмати мизоҷон омода мебошад.

Боғи мазкур бо ду ташноби зеризамини муҷаҳҳаз мебошад.

Равшании боғро баъди шом зиёда аз 900 чароғаки равшанидиҳандаи барқӣ ва 6 маҷмӯи равшандиҳандаҳои галогенӣ таъмин менамоянд.

5700 адад дарахту буттаҳои ҳамешасабзи кипарис, магнолия, фотиния, самшит, пихта, туя ва ғайра, зиёда аз 40 намуд, ки аз давлатҳои Аврупо, аз ҷумла Италия, Испания, Франсия, Олмон ва Ҳолланд ворид гардидаанд, ба ҳусни боғ латофати махсусро зам менамоянд.

Ғайр аз ин гулҳои гуногунранги мавсимӣ зиёда аз 350 ҳазор дона шинонда шудаанд ва масоҳати 20 ҳазор метри мураббаи боғ сабзазор карда шудааст, ки симои боғро боз ҳам зебо мегардонанд.

Дар қисми ҷанубии боғ маҷмааи биноҳои маъмурӣ ва хизматрасонӣ сохта шудаанд.

Гирдо гирди боғ дар масоҳати 1 ҳазору 500 метри мураббаъ бо буттаҳои ҳамешасабзи фотиния, ки аз Италия ворид гардидаанд, оро дода шудаанд.

Барои гиромидошти хизматҳои арзанда дар соҳаи фарҳанги кишвар дар ду тарафи боғ муҷассамаи мусаввир ва наққоши тоҷик Камолиддин Беҳзод ва ҳунарманди халқии Иттиҳоди Шуравӣ Малика Собирова ҷой дода шудаанд.

Куруши Кабир номгузорӣ шудани боғи нав бесабаб нест. Куруши Кабир асосгузор ва шоҳи сулолаи ҳахоманишиён мебошад. Натиҷаҳои давраи аввали фаъолияти Куруш ин буд, ки ҳахоманишиён ба иқтидори бузурге соҳиб гардиданд.

Куруши Кабир яке аз бузургтарин шахсиятҳои таърихи аҳди қадим ва бунёдгузори тамаддуни давлатдории комилан нав буда, ҳазорсолаҳо чун шоҳаншоҳи одил, сиёсатмадори зираку тезҳуш, пуштибони адолату ростӣ, кафили ҳуқуқу озидиҳо ва ҳомии сокинони қаламраваш шуҳрат ёфтааст.

Ӯ аввалин Эъломияи Ҳуқуқи Башарро соли 539 пеш аз милод эълон карда буд. Эъломияи Куруши Кабир оид ба озодии виҷдон яке аз бузургтарин ислоҳоти иҷтимоӣ ва санади таърихии ӯст, ки дар шакли паём ба сокинони гуногунзабону гуногунмазҳаби қаламрави паҳновараш ирсол намуда буд.

Баъди шиносой бо шароити истироҳатию фароғатии фароҳамомада дар Боғи «Куруши Кабир» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти Агентии захираҳои моддии давлатӣ баҳри иҷрои босифати корҳо, бунёди боғи замонавӣ баҳои баланд дода, барои ташаббусҳои созанда изҳори сипос карданд.

Мавриди зикр аст, ки тайи як ду соли охир бо талошҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе пойтахти Тоҷикистони биҳиштосо симои тозае ба худ гирифт.

Дар як муддати кутоҳ дар шаҳри Душанбе даҳҳо иншооти таъйиноти гуногун, аз ҷумла мактабҳо, иншооти маъмурӣ, майдончаҳои варзишӣ, боғҳо, гулгашту хиёбонҳо ва дигар марказҳои фарҳангию фароғатӣ бунёд шуданд. Ҳамаи ин тадбирҳои созанда ба хотири дар амал татбиқ кардани сиёсати бобарор ва созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иҷрои дастуру ҳидоятҳои неки Президенти мамлакат амалӣ карда мешаванд.

# Дар Душанбе Саммити сарони давлатҳои аъзои Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё баргузор мешавад

**14-15 июн дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон — шаҳри Душанбе панҷумин Саммити сарони давлатҳои аъзои Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) баргузор мешавад.**

Интизор меравад, ки дар он сарони 27 давлат ва ҳукуматҳои кишварҳои Осиё иштирок намоянд.

Саммити Душанбе идомаи талошҳои давлатҳои аъзои МҲТБО, ки аз соли 2002, аз рӯзи баргузории аввалин Саммит ба харҷ дода истодаанд, мебошад. Дар ин нишаст ҳайатҳои баландпоя барои қабули эъломияи фарогири тамоми масоили ҳамкорӣ дар доираи МҲТБО ҷамъ меоянд.

Саммити мазкур ҳамчунин барои муҳокима ва ҳалли мушкилоти мавҷуда ва бавуҷудоянда дар Осиё, инчунин барои пешбурди ташаббусҳо ва дарёфти механизмҳои самаранок дар сатҳи баланд майдони муфид хоҳад буд.

Ёдовар мешавем, ки сентябри соли 2018 дар ҳошияи Иҷлосияи 73-юми Маҷмаи Умумии СММ ҷаласаи вазирони корҳои хориҷии МҲТБО баргузор гардид, ки дар он раёсат дар Машварат барои солҳои 2018-2020 аз Чин ба Тоҷикистон гузашт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои аъзои МҲТБО на танҳо дар сатҳи сиёсӣ, балки дар дигар сатҳҳо низ бо мақсади ҳамгироии минтақавии батадриҷ ҳамдигарфаҳмии умумӣ дорад.

Бо дарназардошти иштироки давлатҳои аъзо дар сатҳи олӣ, аз ҷумла муносибатҳои дӯстона ва боэътимоди байни онҳо, Тоҷикистон аз Саммит натиҷаҳои хуб, ки барои иҷрои муваффақонаи уҳдадориҳои умумӣ дар доираи МҲТБО давоми ду соли раёсати Тоҷикистон роҳнамо мегарданд, интизор аст.

Саммити дарпешистода барои расидан ба ҳадафҳои нав ва дарёфти роҳҳои ҳалли масоили мавҷуда ва бавуҷудояндаи мавриди таваҷҷуҳи дастаҷамъонаи давлатҳои аъзо, пешбурди минбаъдаи раванди МҲТБО, идомаи татбиқи тадбирҳои боварӣ ва табдил додани Осиё ба минтақаи дорои сулҳу субот ва шукуфоии устувор дар асоси муколамаи фарогир ва амиқ таккони сиёсӣ хоҳад бахшид.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар Саммити МҲТБО, ки соли 2014 дар Чин баргузор гардид, тазаккур доданд: «Осиё хонаи умумии мост. Ҳамаи мо хоҳони онем, ки дар хонаи умумии мо сулҳу субот ҳукмфармо бошаду тафовути сатҳи рушди иқтисодиро ҳаракат ба сӯи пешрафти умумӣ ба тартиб дарорад».

Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсат дар МҲТБО-ро дар лаҳзаи барои Осиё муҳим бар уҳда мегирад: минтақаи васеъ, ки дар он сарнавиштҳои таърихии халқу давлатҳо зич пайвастаанд, дар манзари чолишҳои нав рушди боварибахши иқтисодӣ ва саъю кӯшиш баҳри тараққию пешрафти устувори муштаракро нишон медиҳад.

Ба таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, халқҳои Осиё, ки бо таърихи ғанитарини умумӣ ва гуногунии фарҳангҳои ба худ хос байни худ алоқаи канданашаванда доранд, пурра дарк менамоянд, ки роҳи сӯи сулҳу шукуфоӣ аз фароҳам овардани муҳити бехатару субот мегузарад, ки онро дар масоҳати васеи байни се уқёнус фақат бо саъю кӯшишҳои якҷоя метавон таъмин кард.

Бояд гуфт, ки МҲТБО барои мубодилаи васеъ ва ошкорои афкор оид ба роҳҳои таҳкими ҳамкории амалӣ бо мақсади таъмини сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмӣ майдони муҳим хоҳад буд.

«Мо бояд иқтидори Машваратамонро пурра истифода намоем, то ки дар заминаи муколамаи васеъ, саъю кӯшиши умумӣ баҳри рушди устувори иқтисодӣ ва амнияти муштарак ҷомеаи босуботу шукуфони халқҳои Осиёро барпо намоем. Вақт ва саъю кӯшишҳое, ки барои расидан ба ин мақсади олӣ лозиманд, набояд моро ба изтироб оранд», — зикр намуда буданд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Саммити МҲТБО соли 2014 дар Чин.

Тавре аз эъломияҳои IV Саммити МҲТБО (соли 2014) ва ҷаласаи 5-уми вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзо (соли 2016) бармеояд, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори рушди устувор ва ҷомеаи одилонаву фарогир дар давлатҳои аъзо мебошад. Рушди устувор бидуни сулҳу амнияти умумӣ ва сулҳу амнияти умумӣ бидуни рушди устувор вуҷуд дошта наметавонанд. Мусоидат ба таҳкими сулҳ ва амнияти умумӣ тавассути рушди устувор аз тариқи татбиқи барномаи ҷаҳонии СММ то соли 2030 ва ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои дахлдори он дар самти рушди устувор (ҲРУ) имконпазир аст.

«Ояндаи Осиё дар замони ҷаҳонишавӣ аз бисёр ҷиҳат вобаста ба худи мост. Осиё дар таърихи тамаддуни ҷаҳон борҳо муҳаррики рушди умумӣ буд. Дар рӯзҳои мо бисёр давлатҳои Осиё мисолҳои рӯҳбаландсози рушди иҷтимоию иқтисодиро намоиш медиҳанд. Мо ба таҷрибаи ғунҷудаи ғунҷида такя намуда, метавонем ва бояд роҳи бунёди Осиёи шукуфону бехатарро кушоем, ки ояндаи дурахшонро барои халқҳоямон таъмин кунад», — изҳор дошта буданд Сарвари давлат соли 2014 дар Чин.

Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, ки дар ин раванди созандагӣ фаъолона иштирок намуда, саҳми худро ба расидан ба мақсаду вазифаҳои таҳкими ҳамгироии байни давлатҳои Осиё дар бахшҳои ҳарбию сиёсӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ ва бахшҳои дигаре гузорад, ки дар ҳошияи Машварат мувофиқа шудаанд.

Раёсати Тоҷикистон бо дарназардошти зарурати татбиқи тадбирҳои боварӣ дар соҳаҳои мухталиф фаъолияти худро ба роҳ мемонад.

**Дар семинар-машварате, ки бо иштироки кормандони мақомоти андоз, масъулони ҶДММ «Газпромнефт» ва соҳибони нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории тобеи ҶДММ «Газпромнефт», тарзи дурусти истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) ва тарзи дурусти пур кардани Китоби бақайдгирии маблағҳои нақдӣ тавассути МНХ-и дорои хотираи фискалӣ аз харидорони мол ё хизматрасонӣ гирифташуда, мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

# Камбудиҳо дар истифодаи МНХ

Инчунин, пешниҳод гардид, ки аз сабаби он ки ҳамаи хизматрасониҳои мақомоти андоз тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст, истифодаи Китоби бақайдгирии маблағҳои нақдӣ тавассути МНХ-и дорои хотираи фискалӣ аз харидорони мол ё хизматрасонӣ гирифташуда аз байн бурда шавад. Зеро бе ин ҳам ҳангоми истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ ҳамаи он маълумоте, ки ба он ворид карда мешавад, ба махзани Кумитаи андоз равона мегардад.

Дар семинар қайд гардид, ки тибқи талаботи қонунгузории андоз андозсупорандагон уҳдадоранд, ки дар эъломияҳои андоз даромади воқеии худро дарҷ намуда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳангоми ҳисоббаробаркунии нақдӣ бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон аз МНХ–и дорои ТИЭ истифода намоянд. Зеро МНХ яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб меравад. Моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиби истифодаи мошини назоратӣ - хазинавии дорои хотираи фискалӣ, талаботи техникӣ ба мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ (назоратӣ), инчунин талабот ба системаи компютерӣ оид ба назорати хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва хизматрасониҳои электронӣ” аз 2 майи соли 2013, №210 муқаррар намудааст, ки дар қаламрави Тоҷикистон ҳисоббаробаркунии пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд, кортҳои бонкӣ, чиптаҳо, бо истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ ё бо додани чиптаи назоратӣ анҷом дода мешаванд.

Сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, назорати фаврӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадсаид Давлатзода дар семинар суханронӣ намуда, қайд кард, ки МНХ-и дорои ТИЭ бо блоки хотираи фискалӣ ё системаи компютерие таъмин мебошад, ки интиқоли электронии маълумотро таъмин намуда, барои сабти ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо истифода мешавад ва нигоҳдории дарозмуддати маълумотро, новобаста аз мавҷудияти қувваи барқ, таъмин менамояд.

Номбурда илова намуд, ки андозсупорандагонро бояд дар анҷоми басти корӣ МНХ-ро ҷамъбаст (гашенӣ) намоянд ва маълумоти онро ҳамчунин дар Китоби бақайдгирии мабалғҳои нақдӣ тавассути МНХ-и дорои хотираи фискалӣ аз харидорони мол ё хизматрасонӣ гирифташуда дуруст дарҷ намоянд.



Инчунин зикр шуд, ки мувофиқи талаботи моддаи 39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №210 кормандони мақомоти андоз бояд назорати риояи Тартиби истифодаи мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ, инчунин истифодаи Дафтари сабти маблағҳои пули нақд ва Дафтари сабти расидҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳисоботи қатъиро, ки шаклҳои онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, амалӣ намоянд.

**Дар семинар-машварат пурсиданд, ки агар фурӯшанда – соҳибкор иштибоҳан чипта занад, аз он андоз ҳисоб карда мешавад?**

М. Давлатзода посух дод, ки барои аз эътибор соқит кардани маблағҳои иштибоҳан ба хотираи фискалии МНХ воридшуда, тибқи муқаррароти банди 30 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013, №210, чиптаи аслии нодуруст воридгардида дар Дафтари сабти маблағҳои пули нақд дарҷ шуда, дар охири моҳи ҳисоботӣ ба мақомоти андоз бо ариза пешниҳод карда мешавад. Мақомоти андоз иштибоҳи техникии зикршударо ҳангоми қабули эъломияҳои андоз ва корҳои назоратӣ ба инобат мегирад.

Дар мавриди масъалаи мазкур мутахассиси андоз қайд намуд, ки барои аз байн бурдани китоб, пеш ҳама, бояд қонунгузории андоз дар мавриди истифодаи МНХ бозбинӣ шавад. Илова гардид, ки ҳолати мазкур вақте марвиди амал қарор мегирад, ки ҳамаи соҳибкорони кишвар пурра аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода намоянд. Аммо имрӯз ҳастанд онҳое, ки то ба ҳол аз чунин МНХ истифода менамоянд, ки дорои ТИЭ нест. Мақомоти андоз нақша дорад, ки то охири соли 2019 ҳамаи соҳибкоронро бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин намояд.

**Иштирокчиён пурсиданд, ки агар қонунвайронкуниро коргари кироя содир намояд, оё ӯ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад?**

М. Давлатзода посух дод, ки агар корфармо зимни баррасии протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки зимни қонунвайронкунӣ тартиб дода мешавад, ширкат намояд ва исбот кунад, ки коргари кироя қонуншиканиро содир намудааст, протоколи маъмурӣ нисбати коргари кироя, яъне нафари қонунвайронкунанда тартиб дода мешавад.

Инчунин, дигар масъалаҳои вобаста ба истифодаи тарзи дурусти МНХ ва Китоби бақайдгирии мабалғҳои нақдӣ тавассути МНХ-и дорои хотираи фискалӣ аз харидорони мол ё хизматрасонӣ гирифташуда мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Мазҳаб ҶУМЪА

## ЭЪЛОН

### БА ТАВАҶҶУҲИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ менамояд, ки тибқи муқаррароти моддаи 51 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои андоз дар шакли электронӣ”, ки бо фармоиши Кумитаи андоз аз 26.01.2013, №2-Ф тасдиқ шудааст, дар мақомоти андоз тартиби дар шакли электронӣ қабул намудани эъломияҳои андоз ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои қисми 2 банди 8 зербанди г) сарҳати панҷум Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2010, №626 тасдиқ шудааст, огоҳ менамоем, ки барои гузариш ба пешниҳоди ҳисобот ва эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ то санаи 1 июли соли 2019 худро дар мақомоти андоз бақайд гиред.

Ба таваҷҷуҳи шумо мерасонем, ки бо мақсади дастгирӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузаштан ба тартиби дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз 20 майи соли 2019 ба таври ройгон анҷом дода мешавад.

**Хотиррасон менамоем, ки дар сурати то 1 июли соли 2019 ба тариқи пешниҳоди электронии эъломияҳо нагузаштан, дохил намудани эъломияҳои дар шакли қоғазӣ пешниҳодшуда ба барномаи Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо қатъ мешавад.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## АНДОЗ ДАР ХОРИҶА

### Россия ба муҳоҷирони меҳнатӣ аз кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии Аврупоюосиё нафақа медиҳад

**Ҳоло муҳоҷирон ба Фонди нафақаи Россия маблағ пардохт кунанд ҳам, вале нафақа намегиранд**

Муҳоҷирони меҳнатие, ки аз кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии Аврупою Осиё (ЕАЭС) барои кор ба Федератсияи Россия омада, музди меҳнати расмӣ гирифтаанд, баъд аз ба ватанашон баргаштан ҳам ҳуқуқи аз Россия нафақа гирифтан пайдо карданд, навиштааст ТАСС.

Қарордод дар бораи таъминоти нафақа дар байни давлатҳои узви Иттиҳоди иқтисодии Аврупою Осиё ҳанӯз моҳи март омода шуда, дар он пешбинӣ шудааст, ки муҳоҷирони ба Фонди нафақаи Россия маблағ пардохткарда аз ҳисоби Россия бо нафақа таъмин карда мешаванд. Пешбинӣ шудааст, ки ҳуҷҷатро ҳамаи кишварҳои узви иттиҳод то охири соли ҷорӣ ба имзо мерасонанд.

Ҳоло муҳоҷирон ба Фонди нафақа маблағ пардохт кунанд ҳам, вале ба онҳо нафақа дода намешавад. Масалан, шаҳрванди Қирғизистон дар Россия солҳои тулонӣ кор карда, вақти нафақа ба ватанаш баргашта бошад аз ҳаққи гирифтани нафақа дар Россия маҳрум мешавад.

Собиқаи нафақавии дар қаламрави давлатҳои гуногуни узви Иттиҳоди иқтисодии Аврупою Осиё ҷамъ карда шуда, ба ҳамон кишвари узви иттиҳод интиқол дода мешавад, ки нафақагир дар он зиндагӣ дорад. Мутобиқи қарордод, давомнокии собиқаи нафақавии Россия, ки тибқи он нафақа ба кишвари дигар интиқол меёбад, дар соли 2020 аз як сол зиёд набуда, дар соли 2021 аз ду сол зиёд нест ва ғайра.

Тибқи арзёбии Вазорати меҳнати Россия солҳои 2020-2021 барои таъмини нафақа бо қоидаҳои нав 166 миллион рубл ҷудо карда мешавад.

**PS. Давлатҳои узви Иттиҳоди иқтисодии Аврупою Осиё: Арманистон, Болорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия.**

http://taxpravo.ru

## ЭЪЛОН

### Муҳтарам андозсупорандагон!

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки аз соли 2013 сар карда, ба шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо ва ҳисобот ба роҳ монда шудааст.**

Гузариш ба шакли электронии эъломия ройгон буда, барои дастрасӣ ба он ба мақомоти андоз нусхаи шиноснома, ваколатнома ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар ҳолати гузариш ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо ва ҳисобот шумо имкон пайдо менамоед, ки аз ҳамаи 36 намуди хизматрасониҳои электронии Кумитаи андоз, аз ҷумла гирифтани маълумот аз ҳисобварақа оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо, бақияи қарзи андоз ва тартиб додани санади муқоисавӣ истифода намоед.

**Оид ба масъалаи гузариш ба шакли электронии пешниҳоди эъломия ва ҳисобот метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj ва рақами телефонии 151 ё мақомоти ҳудудии андоз маълумоти иловагӣ дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

### Глава МИД Британии обещал снизить налога на прибыль, если станет премьером

Он хочет послать миру сигнал, что Великобритания хочет стать лучшим местом для бизнеса



Глава британского МИД Джереми Хант, если станет премьер-министром, планирует содействовать уменьшению налога на прибыль. Об этом он сообщил в интервью воскресной газете The Sunday Times, пишет ТАСС.

«Нам нужно послать миру сигнал, что мы собираемся стать лучшим местом для бизнеса на всей планете. Я думаю, что символом этого явилось бы сокращение нашего корпоративного налога до ирландского уровня — 12,5%. Мы знаем, что это трансформировало экономику Ирландии», — заявил Хант.

Сейчас базовая ставка налога на прибыль составляет в Великобритании 19%, таким образом, он предлагает понизить ее на 6,5%.

http://налоговыеновости.рф/

**Мутобиқи моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, муоинаи хронометражӣ шакли назоратии андоз махсуб ёфта, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва хароҷоти воқеии вобаста ба фаъолияти барои гирифтани даромад равонашуда дар даврае, ки мавриди муоина қарор мегирад, анҷом дода мешавад. Ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, аз ҷониби мақомоти андоз ба тариқи мушаххас муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ва ошкор намудани сирри пинҳон намудани маблағҳои андоз мебошад.**

# Маблағҳои барилова ошкоршуда

Чуноне аз суҳбат бо кормандони Нозироти андози шаҳри Турсунзода маълум шуд, дар моҳи апрели соли 2019 мақомоти андоз дар фаъолияти 11 соҳибкори инфиродию шахсони ҳуқуқӣ санҷишҳои хронометражӣ гузаронида, ба маблағи 102081 сомонӣ пинҳонкунии маблағҳои андозро ошкор намудааст.

Ҳангоми омӯзиши ҳисоботи пешниҳоднамудаи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Мадади Сино 2007" диққати кормандони мақомоти андози шаҳрро нокифоя будани маблағҳои андоз дар манбаи пардохт ба худ кашид. Онҳо хуб медонистанд, ки иқтидори иқтисодии корхона пайваста дар афзоиш аст, вале маблағи андоз чун солҳои пешин бетағйир боқӣ мондааст. Ширкат даромади умумии моҳонаи худро дар эъломияҳои андоз ба андозаи 29567 сомонӣ нишон дода, тибқи он андозҳои вобасташударо пардохт менамуд. Роҳбарони корхона зимни суҳбату вохӯриҳо бо кормандони мақомоти андоз ҳамеша аз хусуси пайваста афзоиш ёфтани нуқтаҳои хизматрасонию технологияҳои муосири тиббӣ ва гаронии маблағҳои андоз сухан ронда, чунон вонамуд мекарданд, ки гӯё тариқи худмаблағгузорӣ фаъолият намудан вазнин аст.

Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронметражӣ маблағҳои дар хазинаи корхона мавҷудбуда, ҳуҷҷатҳои пулӣ, дафтарҳои муҳосибӣ, ҳисобот, харҷномаҳо, коғазҳои қиматнок, ҳисобҳо, эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба объекти андозбандӣ алоқаманд, ҳисоботи фискалии мошини назоратӣ-хазинавӣ ва шумораи кормандони кирояи воқеан истифодашаванда ба ҳисоб гирифта шуд ва муайян гардид, ки маблағҳои нақдии тавассути хизматрасониҳои тиббӣ ба хазинаи корхона воридшаванда ба ҳисоби миёна дар як моҳ 44870 сомониро ташкил медиҳад, ки ин рақам аз маблағи қаблан дар ҳисобот пешниҳоднамудаи ширкат 15303 сомонӣ зиёд аст. Ҳамчунин, сирри муҳосиботи корхона дар хусуси таъмин накардани нигаҳдории ҳуҷҷатҳо вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ ошкор намуд, ки андозсупоранда дар асоси моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2200 сомонӣ муҷозот карда шуд.

Бо мақсади гузаронидани корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон гурӯҳи кории нозироти андоз бо соҳибкори инфиродӣ Валӣ



Саидов, ки ба фурӯши қисмҳои эҳтиётӣ машғул аст, хостанд бо ӯ дар бораи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 08 2012 таҳти рақами 451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» суҳбат намоянд. Мутаассифона, соҳибкор В. Саидов мақсади ба коргоҳи ӯ ҳозир шудани кормандони андозро сарфаҳм нарафта, якбора ба шикоят гузашт.

- Маблағи андозҳое, ки ман месупорам ман нисбат ба имконияҳоям вазнин аст, гуфт В. Саидов. - Ман аз кори кардаам даромаде намегирам, баръакс зарар мебинам. Ба болои ҳамаи ин боз ба коргарони кироя маош доданам даркор. Шумо бошед, талаб мекунед, ки ман маблағи андозамро бояд зиёд намоям. Ман корро ин тавр намекунам, ба боло арз мекунам.

Кормандони нозироти андоз гуфтанд, ки муоинаи хронометражӣ мегузаронем. Агар маблаги пардохткардаатон аз манбаи андоз зиёд бошад, мо онро мутобиқи қонунгузории андоз кам менамоем, агар не, мувофиқи натиҷаи муоина чора меандешем. Худи ҳамон рӯз масъалаи даъвои соҳибкор В. Саидов дар ҷаласаи бегоҳирӯзии кормандони шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мавриди муҳокима қарор гирифт ва фармоиши сардори нозироти андоз дар хусуси гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба тасвиб расид.

Муоинаи хронометражӣ мутобиқи талаботи Кодекси андоз гузаронида шуд. Маълум гардид, ки даромади якмоҳаи соҳибкор В. Саидов 30000 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба маблағҳои қаблан дар ҳисобот нишондодашуда 13800 сомонӣ зиёд аст. Соҳибкор В. Саидов аз кардааш пушаймон буд, вале чӣ илоҷ, оби рехтаро бардошта намешавад.

Муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкори инфиродии шаҳри Турсунзода, Бахтиёрбек Ҷӯраев муайян намуд, ки мавсуф дар ҳисоботи андозӣ даромади хешро пинҳон дошта, дар эъломияҳои андоз маблағи якмоҳаи даромади умумии худро 10000 сомонӣ нишон додааст, ки ин ба ҳар рӯзи корӣ 330 сомонӣ рост меояд. Бо мақсади муайян намудани даромади воқеии ин андозсупоранда дар асоси амрномаи мақомоти андоз муоинаи хронометражӣ таъин шуд. Тибқи муоинаи хронометражӣ муайян гардид, ки соҳибкор Б. Ҷӯраев ба фаъолияти хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум машғул буда, даромади воқеии ӯ ҳар моҳ 21138 сомониро ташкил медиҳад. Ин нисбат ба маблағҳои қаблан дар ҳисобот нишондодашуда 11138 сомонӣ зиёд мебошад. Инчунин, дар ҷараёни муоинаи хронометражӣ Б. Ҷӯраев барои таъмин накардани нигаҳдории ҳуҷҷатҳо вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ мутобиқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2200 сомонӣ ҷарима шуд.

Андозсупорандаҳои бовиҷдон ҳам зиёд будаанд. Масалан, соҳибкори инфиродӣ Уктамҷон Каримов бе ягон дархост аз нозироти андози шаҳр хоҳиш намуд, ки манбаи андозбандишавандаи ӯро мушаххас муайян намоянд, зеро ӯ намехоҳад, ки дар зиндагӣ дар назди касе сархам бошад.

Кормандони андоз ин амали У. Каримовро пазируфта, пас аз як ҳафта дар фаъолияти ӯ муоинаи хронометражӣ анҷом доданд. Маълум гардид, ки маблағи даромади моҳонаи қаблии соҳибкор 25800 сомониро ташкил дода, мавсуф мутобиқи он маблағҳои андозашро сари вақт пардохт намудааст. Пас аз муоинаи хронометражӣ маблағи моҳонаи ӯ ба ҳисоби миёна 36218 сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба маблағи қаблӣ 10418 сомонӣ зиёд мебошад. Соҳибкор У. Каримов нисбати пардохти маблағҳои барилова ошкоршуда эъломияи иловагӣ пешниҳод намуда, боварии кормандони мақомоти андозро сазовор гардид.

Муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ Парвина Каримова 8115 сомонӣ, Қосим Зарифов 7679 сомонӣ, ширкатҳои хизматрасонии "Вароруд" 12000 сомонӣ ва "Алӣ Бухорӣ" 7534 сомонӣ маблағҳои бариловаи андозро низ ошкор намуд.

**М. ТАБАРЗОДА**

# Ифшои фаъолияти ғайриқонунӣ



**Таҳияи барномаҳои нави компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ва «Пайгирии ҳисобнома-фактураҳои ААИ» то андозсупорандагон тавонистанд садди роҳи пешниҳоди ҳисобнома-фактураҳои қалбакии ААИ гарданд. Ҳамин аст, ки соли 2019 барои онҳое, ки аз «хизмарасониҳои» ширкатҳои «якрӯза» истифода менамуданд, бобарор наомад. Ин ҳама, албатта, аз натиҷаи кори пайвастаи роҳбарият ва кормандони мақомоти ҳудудии андоз баҳри беҳтаргардонии маъмурикунонии андоз аст. Мақомоти андоз дар самти пешгирии фаъолияти ширкатҳои «якрӯза» солҳои охир корҳои назаррасро бо амалӣ намудани барномаҳои нави компютерӣ ба анҷом расонида истодаанд.**

## Омилҳои зоҳиркунанда

Тавре сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назрулло Маликзода гуфт, яке аз категорияҳои иқтисодиёти ғайрирасмӣ ин фаъолияти иқтисодии як гурӯҳ субъектҳои хоҷагидоре аст, ки амалиёт анҷомдодаи онҳо моҳияти иқтисодӣ надошта, дар он хавфи пардохт нагардидани андоз ҷой дорад. Чунин субъектҳо бо мақсади канораҷӯӣ аз пардохти маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ, бо ҳар роҳу восита кӯшиш менамоянд, ки ба мақомоти андоз ва омор қасдан маълумоти таҳрифшуда ва нодурустро пешниҳод карда, дар ҳисобдории муҳосибӣ дар ҳаҷми пурра амалиётҳои молиявии анҷомдодаи худро ифшо насозанд. Пурра нишон надодани ҳаҷми муомилот, иҷрои кор ва хизматрасониҳо, шумораи кормандони кироя ва фонди музди меҳнати онҳо, дуруст ба роҳ намондани ҳисобу китоби аниқи захираҳои молу маҳсулот, аз будаш зиёд нишон додани хароҷоти тарҳшаванда, пурра нишон надодани даромади умумӣ, кам нишон додани болонархии таҳвили молҳои воридотӣ ва ғайраҳо асоси кори чунин ширкатҳои ғайрирасмист.

Назрулло Маликзода қайд кард, ки ширкатҳои «якрӯза» падидаи номатлуби бизнесест, ки шакли ташкилаш шахси ҳуқуқӣ буда, фаъолияташ моҳияти иқтисодӣ надорад. Инчунин, дар аксар ҳолатҳо амалиёти амалан иҷро нагардидаро ҳуҷҷатгузорӣ менамоянд. Илова бар ин, фаъолият ва амалиёти онҳо рӯз аз рӯз шаклҳои навро ба худ касб намуда, роҳҳои муносибтарро барои кам намудани ӯҳдадории андоз истифода менамоянд. Яъне, ба ҷои ба тиҷорати ҳақиқӣ машғул шудан, чунин ширкатҳо ҳамчун миёнарав байни ширкатҳои гуногун «хизмат» мерасонанд. Чунин корхонаҳо бо мақсади муносиб намудани роҳҳои кам нишон додани ӯҳдадориҳои андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фоида ташкил мешаванд. Вале бо ин амалашон ба қисми даромади буҷети давлатӣ зарари калон мерасонанд.

## Ҷилавгирӣ аз ширкатҳои "якрӯза"

Кумитаи андоз натанҳо дар самти маҳдуд намудани фаъолияти ширкатҳои якрӯза амал дорад, балки, дар маҷмӯъ, барои беҳгардонии маъмурикунонии андоз чораҳои бетаъхир андешида истодааст. Зеро беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, барои аз байн бурдани ширкатҳои «якрӯза» натиҷаи хуб медиҳад. Дар ин роҳ мақомоти андоз ва дигар мақомоти давлатӣ бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта якҷоя амал мекунанд.

Ба андешаи Н. Маликзода, бояд талабот дар самти муайянкунии воқеӣ будани корхонаҳо ҷоннок карда шавад. Инчунин, самти тафтиши суроғаи воқеии корхонаҳо, мақоми роҳбарӣ ва муассисони он дар чанд ширкат, хусусияти омории роҳбар, муассис, қаблан дар кадом коргоҳу корхона роҳбар ё муассис буданаш, сатҳи пардохти андоз, шумораи кормандон, мавҷудияти захираҳо, анборҳо, таҷҳизот барои анҷом додани корҳо ва дигар маълумоти зарурро дар бораи онҳоро бояд таҳлил намоем.

Дигар омили муҳиме, ки аз ҷониби Кумитаи андоз амалӣ шуда истодааст - ин талаботи интизоми пардохт бо воситаи бонкҳо тариқи ғайринақдӣ ва амалӣ намудани маҳдудият ба андозсупорандагони бемасъулият мебошад, ки рӯихати онҳо ба ташкилотҳои қарзӣ ирсол мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ташкилотҳои қарзӣ дар фаъолияти мизоҷони худ вобаста ба баланд бардоштани ҳиссаи андозҳои ҳадди ақале, ки бояд ба буҷет пардохт шаванд, амалиёти мизоҷони бемасъулият, аҳдҳои шубҳанокро аз рӯи принсипи «муштарии худро бидонед» назорат менамоянд. Чунин тартиби назорати бонкӣ амалиёти ғайриқонунии пардохти маблағҳоро ғайриимкон гардонида, фаъолияти ширкатҳои «якрӯза»-ро то дараҷае маҳдуд мегардонад. Агар чунин таҷрибаро ташкилотҳои қарзие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, роҳандозӣ менамуданд, он то як дараҷа ба фаъолияти ширкатҳои «якрӯза» маҳдудияти иловагӣ ба вуҷуд меовард.

## Назорат

Ширкатҳои «якрӯза» асосан, бо мақсади «муносиб намудани андозбандӣ» ташкил мешаванд. Яъне, барои кам намудани гаронии андозҳо аз амалиётҳои андозбандишавандаи соҳибкории ширкатҳо фаъолият менамоянд. Чунин шакли муносиб намудани андозбандӣ танҳо ба соҳиби бизнес лаҳзае фоидаовар аст, аммо баъдан, дар натиҷаи назорати андозӣ, ин ба ҳолати молиявии соҳибкор таъсири манфӣ мерасонад. Мутаассифона, миқдори зиёди ширкатҳои миёнарав даромади андозро коҳиш медиҳанд ва дар ниҳояти кор боиси норасоии буҷет мегарданд.

Баланд бардоштани сифати маъмурикунонии андоз омили асосии мубориза бар зидди қонуншиканиҳост. Ин на танҳо дар шакли системаи онлайн ҷорӣ намудани барномаҳои компютерии системаи иттилоотии андоз мебошад, зеро амалӣ гардидани барномаҳои компютерӣ худ аз худ чунин натиҷаи хуб ба миён намеорад. Вале, мақомоти андоз бо истифода аз муқаррароти моддаҳои 43-45 Кодекси андоз идоракунии хавфи андозҳо, амалӣ намудани шаклҳои мухталифи назорати андозӣ дар фаъолияти андозсупорандагони бемасъулият, пайгирии ҳисобнома-фактураҳои ААИ ва амалӣ намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ, тавонист муваффақ гардад.

Баъзеҳо ақида доранд, ки таҳкими назорат соҳибкоронро боз ба бозори сиёҳ ва пинҳонкунии даромадҳо мебарад, аммо ягон далели асоснок пеш намеоранд. Баръакс, назорати ҳисоб ва пардохти андоз аз арзиши иловашуда барои соҳибкорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои якхелаи соҳибкориро ба вуҷуд оварда, ҳама субъектҳоро маҷбур месозад, ки андоз аз арзиши иловашударо аз амалиётҳошон пурра ба буҷет пардохт намоянд. Ҳамин ки соҳибкор маблағи ААИ-ро аз муомилот бо ширкати «якрӯза» (ё бо ширкати бомасъулият, ки он бо ширкати «якрӯза» фаъолият дошт) ба ҳисоб гирифт, мақомоти андоз онро дар рафти назоратҳои андозӣ ошкор сохта, ҷиҳати рӯёнидан ё бекор намудани амалиёт чораҳои мушаххас меандешад.

Чунин тартиби назорат соҳибкорро ҳушдор месозад, ки барои пардохти андоз аз арзиши иловашуда бо роҳҳои ғайриқонунӣ маблағро сарфа накунад, зеро рӯзе бо маблағи калон ҳамин маблағро пардохт менамояд. Пештар соҳибкорон умедвор буданд, ки дар рафти санҷиши ҳуҷҷатӣ ҳолати мазкур ошкор намешавад, вале ҳоло барномаи такмилёфтаи компютерӣ дар кӯтоҳтарин мӯҳлат онро ошкор месозад. Бинобар ин, ҳоло бизнес дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои «якрӯза» ягон манфиат намебинанд.

Дар шароити кунунӣ барои тиҷорат таърихи муносибатҳои қаблӣ бо андозсупорандагони бемасъулият хавфи назаррас дорад. Бинобар ин, корхонаҳо пеш аз он ки бо ширкатҳои "якрӯза" муомилот анҷом диҳанд, бояд андеша кунанд, ки дар махзани маълумоти мақомоти андоз маълумоти мазкур ҷамъоварӣ гардида, дар оянда мавриди истифода қарор дода мешавад.

Новобаста ба он, ки аз аввали соли 2019 дар гузаронидани санҷишҳои ҳуҷҷатӣ маҳдудият ҷорӣ гардида, шумораи санҷишҳои ҳуҷҷатӣ коҳиш ёфта бошад ҳам, самаранокии онҳо бо истифода аз барномаҳои амалкунанда афзудааст.

Имрӯзҳо мақомоти андоз дорои махзани маълумот мебошад, ки онро ҳамчун асос барои муайян намудани заминаи андозбандӣ, гузаронидани назорати амалиётӣ ва дигар шаклҳои мухталифи назорат ё ҳамчун далелҳои асоснок дар суд истифода менамоянд.

## Мавқеи ноустувор

Суоле ба миён меояд, ки оё бо пешгирӣ намудани фаъолияти ширкатҳои якрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди муносиб намудани (оптимизация) андоз ҳадди ақал қатъ шудааст?

- Он ҳоло пурра қатъ нашудааст, - мегӯяд Н.Маликзода. - Ширкатҳои "якрӯза" механизмҳои такмилдодаи худро дар ин ё он шакл амалӣ намуда истодаанд.

Ҳоло қисме аз субъектҳо шакли дигари муносиб намудани андоз дар шакли ба корхонаҳои хурд ё соҳибкорони инфиродии хурд тақсим намудани тиҷоратро амалӣ менамоянд. Намунаи он шабакаи мағозаҳо мебошад, ки дар он ҳар як мағозаи шахси алоҳида дорои низоми махсуси андоз аст. Инчунин, сохторҳои тиҷоратӣ аксар вақт "кормандони худро" аз басти корӣ хориҷ намуда, онҳоро ба сифати соҳибкорони инфиродии алоҳида ҳуҷҷатгузорӣ менамоянд. Дар ин ҳолат соҳибкори хурд танҳо 5% ё 6% андозҳо аз даромадро дар шакли низоми содакардашуда пардохт мекунад, яъне имтиёзҳое, ки барои соҳибкорони хурд муайян шудааст, ширкатҳои калон аз онҳо истифода менамоянд.

Ҳамаи ин нақшаҳо муддати тӯлонӣ тарҳрезӣ шудаанд ва ба мақомоти андоз аз он бохабар буда, вобаста ба онҳо корҳои назоратиро амалӣ намуда истодаанд. Аксар вақт андозсупорандагон мавқеи худро дар самти тақсим намудани тиҷорат ба корхонаҳои хурд ва соҳибкорони инфиродӣ бо қонунгузории андоз асоснок намуда, имтиёзҳои дар қонун барои соҳибкорон пешбинишударо пешниҳод менамоянд. Чунин ширкатҳо бовар доранд, ки метавонанд ба мақомоти андоз фаҳмонанд, ки ин амал бо мақсадҳои рушди тиҷорат аст, аммо назорати андозӣ, ҳолатҳои дигарро нишон медиҳад.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

**“Кумитаи андоз бояд ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар самти маъмурикунонии андоз ва баланд бардоштани маърифати андозсупорӣ, такмили ихтисоси кормандони худ, ба тариқи озмун интихоб ва ҷобаҷогузорӣ намудани кадрҳои сатҳи касбияташон баланд тадбирҳои зарурӣ андешад”.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# Самараи корҳои назоратӣ



Зимни суҳбату вохӯриҳо ва семинар-машваратҳо, ки аз ҷониби кормандони мақомоти андоз дар асоси нақшаи тасдиқнамудаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гузаронидани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ дар маҳалҳо доир мешаванд, андозсупорандагон атрофи масъалаи назорати камералӣ баҳсу мунозира менамоянд. Аз суҳбати баъзе аз соҳибкорон бармеояд, ки онҳо назорати камералиро, ки дар асоси санҷиши ҳуҷҷатҳо камбудии дар фаъолияташон ҷойдоштаро дар самти дар эъломияи андоз нодуруст нишон додани шумораи воқеии коргарони кироя, пурра нишон надодани музди меҳнати онҳо, ба расмият надаровардани шартномаҳои меҳнатӣ ва ба назари эътибор нагирифтани нишондиҳандаҳои музди меҳнати номиналии оморию миёнаи моҳонаи коргарони кироя ошкор месозад, ҳамчун санҷиши маҷмӯии андоз қабул менамоянд. Ҳол он ки санҷиши маҷмӯии андоз доираи васеи санҷишҳоро дар бар гирифта, ду ё зиёда солҳои фаъолияти соҳибкорони ҳуқуқию инфиродиро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор медиҳад.

Зарурат ба таъкид аст, ки баъзан ҳангоми азназаргузаронии хулосаҳои қабулшуда оид ба назорати камералӣ ҳолатҳои дар фаъолияти кормандони андоз роҳ ёфтани қонунвайронкуниҳо низ ба чашм мерасанд. Масалан, кормандони андоз дар таҳлилу омӯзиши ҳисоботи андозу эъломияҳои пешниҳоднамудаи андозсупорандагон, маълумоти гумрукии мутобиқ ба қисми 4 моддаи 65 Кодекси андоз дастрасшуда ва ба эътибор нагирифтани имтиёзҳои тибқи қонунгузории андоз пешниҳодгардида ба иштибоҳ роҳ дода, қарорҳои сатҳи қабул менамоянд, ки ин боиси қонунвайронкуниҳо мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрии хеш бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар ҳолатҳои дар фаъолияти кормандони андоз ҷойдоштани чунин камбудиҳоро ба назари эътибор гирифта, чунин таъкид намуданд: “Дар баъзе ҳолатҳо аз ҷониби кормандони андоз назорати камералӣ низ бо вайронкунии талаботи қонун, бидуни таҳлили хавфҳо ва имтиёзҳои пешниҳодгардида гузаронида шуда, ба зиммаи андозсупорандагон уҳдадориҳои беасоси пардохтҳои зиёдатӣ вогузор карда мешаванд”.

Бо мақсади ислоҳи эродҳои Сарвари давлат ва ҳалли мустақилонаи масъалаҳои зикргардида мақомоти ҳудудии андоз дар шаҳри Турсунзода барои беҳбудӣ бахшидан ба сатҳу сифати корҳои назоратӣ бо истифода аз маълумоти барномаҳои системаи иттилоотии андоз, гузаронидани корҳои таҳлилӣ ва ба андозсупорандагон бо роҳи ирсоли огоҳинома фароҳам овардани имкониятҳи мустақилона барои бартараф намудани камбудиҳои дар эъломияҳои андоз ҷойдошта ва дар ин замина, давра ба давра маҳдуд намудани шумораи санҷишҳои андоз, сари вақт рӯёндани бақияпулиҳои андоз аз ҳисоби корҳои назоратӣ ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз пайваста корҳои назоративу фаҳмондадиҳӣ мегузаронад.

Чуноне ки кормандони масъулии нозироти андози шаҳри Турсунзода иброз намуданд, назорати камералӣ дар таъмини қонунгузории андоз мавқеи муҳим пайдо менамояд.

Мақомоти ҳудудии андоз дар шаҳри Турсунзода мутобиқ ба муқаррароти Стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, дар фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Аденс” дар асоси омӯзиш, таҳлилу муқоисаи ҳисоботи андоз ва дигар маълумоти ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи андозсупоранда, инчунин маълумоти мутобиқ ба банди 4 моддаи 65 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасшуда назорати камералии эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда, андози фоида ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро мавриди таҳлилу тадқиқ қарор дод.

Дар рафти назорати камералӣ муайян шуд, ки ҷамъият дар давраи аз 1 январи соли 2018 то 1 марти соли 2019 тибқи эъломияҳои ба мақомоти андоз пешниҳодшуда ба маблағи 330988 сомонӣ даромад гирифтааст ва пешпардохти андози фоидаро ба маблағи 85827 сомонӣ ҳисоб ва ба буҷа пардохт кардааст. Дар рафти назорати камералӣ аз манбаи 335000 сомонӣ ба маблағи 3350 сомонӣ пешпардохти андози фоида ба таври илова ҳисоб шудааст.

Дар мавриди андоз аз арзиши иловашуда, эъломияҳои андози дар давраи назорати камералӣ пешниҳоднамудаи ҷамъият бо ҳуҷҷатҳои аввалияи он муқоиса ва муайян карда шуд, ки ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ”Аденс” дар давраи таҳти назорати камералӣ қарордошта ба маблағи 3303988 сомонӣ даромад гирифтааст, ки аз ин ҳисоб ба маблағи 272750 сомонӣ андоз аз арзиши иловашуда ҳисоб шудааст. Ҳамин тариқ дар ҷараёни назорати камералӣ ба маблағи 335000 сомонӣ даромади иловагӣ ҳисоб гардид, ки андоз аз арзиши иловашудаи он 60300 сомониро ташкил медиҳад.

Мутобиқи моддаҳои 248-254 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъият супорандаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард маҳсуб меёбад, ки маблағи андози он аз рӯи меъёри 0,25 фоиз ҳисоб карда мешавад. Ширкати номбурда аз 1 январи соли 2018 то 1 марти соли 2019 аз манбаи 2996928 сомонӣ бо меъёри 0,25 фоиз ба маблағи 7492 сомонӣ андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро ҳисоб намуда, ба буҷа пардохт кардааст.

Дар рафти назорати камералӣ аз манбаи 335000 сомонии ба таври илова ҳисобшуда бо меъёри 0,25 фоиз ба маблағи 837 сомонӣ ба таври илова андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ҳисоб гардидааст. Ҳамин тавр, маблағҳои иловагии андозҳои ҳисобшуда дар рафти назорати камералӣ 64487 сомониро ташкил дод ва ҷамъият ҷиҳати ба буҷаи пардохт намудани он эъломияи иловагӣ пешниҳод намуд

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, бархе аз андозсупорандагон бинобар надоштани дониши баланди иқтисодию ҳуқуқӣ нисбат ба қонунвайронкуниҳо роҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, кормандони мақомоти андозро зарур аст, ки бо чунин андозсупорандаҳо корҳои фаҳмондадиҳиро бештар доир намоянд, то ки онҳо аз талаботи қонунгузории андоз дурусттар воқиф гарданд.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Повышение НДС не оправдало ожиданий

**Бюджет России не заметил роста поступлений от внутреннего налога на добавленную стоимость (НДС) после его повышения в 2019 году.**

Это следует из «Мониторинга экономической ситуации в России», составленного Российской академией народного хозяйства и государственной службы при президенте России (РАНХиГС).

«Роста поступлений по внутреннему НДС относительно ВВП не произошло, хотя с 1 января 2019 года базовая ставка НДС повысилась с 18 до 20 процентов», - говорится в исследовании.

По мнению аналитиков, причиной этого мог стать перенос некоторых сделок на конец 2018 года в преддверии роста ставки. Кроме того, такую ситуацию могло спровоцировать снижение эффекта улучшения качества администрирования и падение налоговой базы как реакция на рост ставки.

«В пользу второго объяснения косвенно свидетельствует рост поступлений по внешнему НДС - собираемость этого налога по импорту в России традиционно выше, чем с внутреннего оборота», - говорится в исследовании.

Базовая ставка НДС повысилась в России до 20 процентов 1 января 2019 года. Налог на добавленную стоимость - это первый по собираемости налог в стране и основной источник доходов бюджета за исключением поступлений от торговли углеводородами. По расчетам властей, повышение НДС должно принести бюджету в среднем 620 миллиардов рублей в год дополнительных поступлений. Эти деньги должны пойти на финансирование нацпроектов, на который предполагается потратить восемь триллионов рублей в течение шести лет.




**https://news.mail.ru**

# Корҳои фаҳмондадиҳӣ - мусоидат баҳри рушд

**Рӯзҳои 24-25 майи соли соли 2019 кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷамоатҳои деҳоти “Иттифоқ”, “Яккатут”, бозорҳои “Баракат” “Эмоми Алӣ”, “Ориён ЛТД” ва маркази савдои “Р- Нурулло”-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бо иштироки соҳибкорони инфиродӣ, роҳбарони кооперативҳои истеҳсолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, роҳбарон, сармуҳосибон ва намояндагони бозорҳои ҳудуди ноҳия семинар-машварат доир карданд.**

Дар семинар-машварат, асосан, масъалаҳо доир ба тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда, андозбандии коргарони кироя, тартиби андозбандӣ ва фаъолият намудан дар низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони махсулоти кишоварзӣ (андози ягона), риояи талаботи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва хизматрасониҳои мақомоти андоз дар самти пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ ба мақомоти андоз ва тартиб додани санадҳои муқоисавӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои андозсупорандагон мавриди баррасӣ қарор гирифт.



Семинар - машваратро сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Х. Файзуллозода ифтитоҳ карда, нахуст иштирокчиёнро бо мавзӯъҳои баррасишаванда шинос намуд. Мавсуф баъдан доир ба тартиби ҳисоб ва пардохти маблағи андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замини шахсони воқей, моҳият ва мақсади азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул суханронӣ намуд. Аз иштирокдорони семинар – машваратҳо даъват ба амал оварда шуд, ки барои пардохти саривақтии маблағҳои ҳисобшуда ва қарзҳои дар соли 2019 бамиёномада солҳои қаблӣ уҳадории андозии худро дар назди буҷет таъмин карда, дар ин самт бо мақомоти андоз санади муқоисавии дуҷониба тартиб диҳанд.

Сипас, сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев дар бораи тағйиру иловаҳои ба Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар соҳаи андоз воридшуда, тартиб ва шартҳои фаъолият аз рӯи патент, имтиёзҳои пешбинишуда дар ин самт, тартиби бақайдгирӣ ва қатъи фаъолият, пардохти саривақтии маблағҳои патент маълумот дод. Ӯ аз ҷумла гуфт, ки низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент амалӣ менамоянд, низоми махсуси андозбандӣ буда, дар асоси он соҳибони патент уҳдадоранд андозҳои муқарраршударо ба андозаи устувор, новобаста аз даромади бадастоварда, пардохт кунанд. Аммо онҳо тибқи қонунгузории андоз барои ба анҷом расонидани ҳисоби муҳосибӣ, мавриди истифода қарор додани мошинҳои назоратӣ - хазинавӣ ва пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ба мақомоти андоз уҳдадор нестанд.

- Натиҷаи таҳлил ва коркарди махзани маълумоти Кумитаи андоз, - мегӯяд С. Исоев, - нишон медиҳад, ки баъзе аз андозсупорандагон аз сабукиву имтиёзҳои ба онҳо пешниҳодшуда суистифода мекунанд ва бо мақсади пардохти ками маблағи андозҳо бо дастрас намудани ҳуҷҷати патент амалиётҳои калон анҷом дода, фаъолияти худро дар масоҳатҳои зиёда аз 20 метри мураббаъ амалӣ карда истодаанд, ки ҳолати мазкур бар хилофи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 ва дигар қонунгузории андоз мебошад.

Аз ин хотир, таъкид шуд, ки соҳибкорон ҷиҳати пешгирӣ ва роҳ надодан ба қонуншиканиҳои андоз ва дар доираи талаботи қонунгузорӣ ба роҳ мондани фаъолият ва ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта бояд чораҳои иловагӣ андешанд.

Дар доираи семинар - машваратҳо доир ба тартиби фаъолият аз рӯи шаҳодатнома, аз ҷумла ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, тартиби гузариш аз патент ба шаҳодатнома ё гузариши баръакс, доир ба тартиби қатъи фаъолият ва пешниҳоди эъломияҳо ба мақомоти андоз, истифодаи МНХ, дар ҳисоботи андозӣ пурра ва дуруст дарҷ намудани даромади андозбандишаванда, шумора ва фонди музди меҳнати ба коргарони кироя пардохтшаванда ва дигар моҳияти қонунгузорӣ дар ин самт маълумот дода шуд. Аз ҷумла, қайд шуд, ки андозбандии даромадҳои шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси шаҳодатнома амалӣ менамоянд, мувофиқи низомҳои махсус андозбандӣ гардида, соҳибкорон уҳдадоранд аз натиҷаи фаъолияти соҳибкории худ ба мақомоти андоз эъломияҳои андозиро пешниҳод намоянд. Зикр гардид, ки соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда уҳдадор мебошанд, ки баҳисобгирии муҳосибии даромадҳо ва хароҷоти соҳибкории худро бо тартиби содакардашуда анҷом диҳанд. Ҳамзамон, ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо пули нақд, тибқи талаботи моддаҳои 38-39 Кодекси андоз пас аз 3 моҳи аввали фаъолият ба таври ҳатмӣ аз мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотири фискалӣ истифода менамоянд.

С. Исоев, ҳамчунин қайд намуд, ки андозбандии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар доираи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ” ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба танзим дароварда мешавад. Оид ба сари вақт гузаштан аз бақайдгирии давлатӣ дар мақомоти андоз, тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳо аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ, салоҳият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар доираи талаботи Қонун дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ, дуруст ҳисоб ва пардохти маблағи андозҳо аз ҷониби онҳо ҳангоми истифодаи коргарони кироя ва андозбандии даромадҳо аз фаъолияти ғайрикишоварзӣ бадастовардашуда аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар мушкилиҳои ҷойдошта мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар рафти семинар-машваратҳо доир ба мафҳум ва моҳияти назорати камералӣ, муоинаи хронометражӣ ва санҷишҳои амалиётӣ, хариди назоратӣ, тартиб ва муҳлати гузаронидани онҳо ва риояи талаботи қонунгузорӣ низ маълумоти муфассал дода шуд.

Сармутахассиси Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ниёзов оид ба ҳар як банди Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, дигар самтҳои хизматрасониҳои мақомоти андоз, пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ ба мақомоти андоз, тартиб додани санадҳои муқоисавӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои андозсупорандагон сухан гуфт.

**Дар интиҳои семинар-машварат миёни намояндагони мақомоти андоз ва андозсупорандаҳо суолу ҷавоб сурат гирифт. Зикр гардид, ки барои ҳалли масъалаҳои пешомадаи андозбандӣ, тағйиру иловаҳои воридгардида, дарёфти маълумоти бештар вобаста ба андозу андозбандӣ, инчунин нисбати амали (беамалии) кормандони масъули мақомоти андоз тавассути почтаи электронӣ (info@andoz.tj) ва ба Бахши иттилоотии Кумитаи андоз бо рақами телефонии содакардашудаи «151» занг зада, муроҷиат намоянд.**

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## ЭЪЛОН

### Муҳтарам шаҳрвандон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки аз 1 июни соли 2019 ҳар як шахси воқеӣ метавонад аз модули электронии хизматрасонии «Утоқи шахсии андозсупоранда» истифода намояд. Истифодаи модули мазкур ройгон буда, барои дастрасӣ ба он ба мақомоти андоз танҳо нусхаи шиноснома пешниҳод карда мешавад.

Истифода аз «Утоқи шахсии андозсупоранда» имконият медиҳад, ки бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз, ҳисобварақаи худро оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо аз объектҳои ғайриманқул, замин, воситаҳои нақлиёт ва андоз аз даромади иҷора, инчунин, бақияи қарзи андоз дар шакли онлайн маълумот дастрас намоед.

**Оид ба масъалаи истифодаи «Утоқи шахсии андозсупоранда» метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj , аз Маркази тамос ба воситаи рақами телефонии 151 ва ё мақомоти ҳудудии андоз маълумоти иловагӣ дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

### В кабинете первого заместителя мэра Якутска проходят обыски - СМИ

**Правоохранители проводят обыски в кабинете первого заместителя мэра Якутска Владимира Федорова, сообщает РИА Новости со ссылкой на источник в горадминистрации.**

Представители регионального СУ СК России не стали опровергать данную информацию, однако от каких-либо комментариев пока воздержались.

По данным портала «Новости Якутска», в настоящее время сам Федоров находится на больничном.

В беседе с журналистами он предположил, что обыски в его рабочем кабинете могут быть связаны с деятельностью мебельного салона «Виктория», который принадлежит его супруге Виктории Федоровой.

В минувшем году региональный СУ СК РФ возбудил уголовное дело по факту неуплаты налогов. По версии следователей, в период с 2011 по 2013 год салон не уплатил около 35 миллионов рублей налогов.

Ранее мэр Якутска Сардана Авксентьева заявила, что ее шантажирует журналистка Виктория Габышева. В отношении подозреваемой завели уголовное дело о вымогательстве.

**http://www.aif.ru/**

# Пинҳон кардани андоз дар корхонаҳои парандапарварӣ

## Чаро соҳибкорони ба фаъолияти парандапарварӣ машғулбуда даромади бадастовардаашонро дар эъломияҳои андозӣ пурра нишон намедиҳанд?



**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати риояи талаботи қонунгузории андоз ва иҷрои уҳдадориҳои андозиро дар фаъолияти субъектҳои соҳаи парандапарварӣ дар соли 2018 ва семоҳаи аввали соли 2019 мавриди омӯзиш қарор дод.**

Омӯзишҳо нишон доданд, ки бо вуҷуди ба муҳлати 6 сол аз пардохти андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андозҳо аз молу мулки ғайриманқул озод карда шудани корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои ба истеҳсоли хӯроки паранада ва чорво машғулбуда (тибқи муқаррароти моддаи 3131 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз ҷониби корхонаҳои ин соҳа ҳолатҳои риоя нашудани муқаррароти Кодекси андоз зиёд гардида истодааст.

Тавре аз Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, алҳол, дар ҷумҳурӣ 111 адад субъект ба фаъолияти парандапарварӣ машғул аст, ки аз ин 61 адад шахси ҳуқуқӣ, 45 нафар соҳибкори тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 5 адад хоҷагии деҳқонӣ мебошанд. Аз шумораи умумии корхонаҳои парандапарварӣ 1 адад ба шаҳри Душанбе, 8 адад ба вилояти Хатлон, 76 адад ба вилояти Суғд, 1 адад ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва 25 адади он ба шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ рост меояд.

Аз рӯи маълумоти КВД «Саноати парандапарварии Тоҷикистон» ба ҳолати 1 апрели соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ аз ҳисоби 111 субъекти парандапарварӣ 3854,8 ҳазор сар мурғ мавҷуд буда, аз ин 2071,5 ҳазор сар мурғи тухмдиҳанда ва 1783,3 ҳазор сарро мурғҳои гӯштӣ (бройлер) ташкил медиҳанд, ки шумораи умумии парандаҳо нисбат ба 01.01.2019 ба андозаи 1919,6 ҳазор сар зиёд гардидааст.

Дар семоҳаи якуми соли 2019 аз ҷониби корхонаҳои парандапарварӣ, дар маҷмӯъ, 93809,8 ҳазор дона тухм истеҳсол шудааст. Даромад аз ҳисоби фурӯши тухм 20,9 млн. сомониро ташкил намудааст ва истеҳсоли тухм нисбат ба соли 2018-ум 68623,3 ҳазор дона ва даромад аз фурӯши он 17,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Инчунин, дар семоҳаи якуми соли 2019 аз ҷониби субъектҳои парандапарварӣ, дар маҷмӯъ, 827,8 ҳазор сар мурғи зинда ва 14,1 ҳазор тонна гӯшти мурғ истеҳсол шудааст, ки нисбат ба 1 январи соли 2019 мутаносибан 692,3 ҳазор сар мурғ ва 1,3 ҳазор тонна гӯшт зиёд мебошад. Даромади корхонаҳои парандапарварӣ мутаносибан аз ҳисоби фурӯши мурғи зинда 16,2 млн. сомонӣ ва фурӯши гӯшти мурғ (бройлер) 24,6 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Гарчанде тибқи қонунгузорӣ барои фаъолияти корхонаҳои парандапарварӣ як қатор имтиёзу сабукиҳо пешбинӣ гардидааст, аммо бо мақсади канораҷӯӣ аз пардохти маблағи андоз аз суди сахмияҳо дар эъломияҳои андозӣ ин корхонаҳо даромади воқеан ба дастовардаи худро дар ҳисоботи андозӣ пурра нишон надодаанд.

Тибқи ҳисоботи ба КВД «Саноати парандапарварии Тоҷикистон» пешниҳодгардида дар 3-моҳаи якуми соли 2019 аз ҷониби ҶСК «Симурғ» 2694,0 ҳазор дона тухм, 17,9 ҳазор кг гӯшти мурғ ва 201,2 ҳазор сар мурғи зинда фурӯхта шудааст, ки дар маҷмӯъ, даромади ҷамъият аз ин ҳисоб 6,1 млн. сомониро ташкил медиҳад. Аммо корхона даромади андозбандишавандаи худро дар эъломияҳои андозӣ дар 3-моҳаи соли 2019 ҳамагӣ ба андозаи 1,6 млн. сомонӣ дарҷ намудааст, ки нисбат ба даромади воқеан ба дастовардашуда 4,5 млн. сомонӣ кам мебошад.

Ҳолатҳои дар эъломияҳои андозӣ кам нишон додани даромади умумӣ дар фаъолияти ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуди «Рушди парандапарварӣ» (дар ҳаҷми 6,7 млн. сомонӣ), «Ихлос 1» (1,8 млн. сомонӣ), «Файзрези Олимиён» (1,1 млн. сомонӣ), «Мавзуна Т» (2,0 млн. сомонӣ), «Ғизо агросаноат» (3,0 млн. сомонӣ), «Парандапарвари Мастчоҳ» (1,1 млн. сомонӣ), «Амири Хуҷанд» (1,6 млн. сомонӣ), КТ «Раҳмонҷон» (1,5 млн. сомонӣ) ва ҶСК «Мурғи Мӯъминобод» (1,2 млн. сомонӣ) низ ба назар мерасад.

Таҳлили маълумоти дастрастшуда дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои махзани маълумоти Кумитаи андоз нишон дод, ки даромади аслии субъектҳои (шахсони ҳуқуқӣ) дар соҳаи парандапарварӣ машғулбуда аз ҳисоби фурӯши паранда (мурғ), тухм ва истеҳсоли гӯшт дар соли 2018 ба 21,7 млн. сомонӣ ва дар семоҳаи аввали соли 2019, дар маҷмӯъ, ба 96,8 млн. сомонӣ баробар мебошад, ки нисбат ба маълумоти ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи онҳо ба андозаи 75,0 млн. сомонӣ кам аст.

Аз шумораи умумии корхонаҳои парандапарварӣ (111 адад) 24 адади он ба воридоти хӯроки паранда аз хориҷи кишвар машғул мебошанд. Аз ҷониби субъектҳои мазкур дар давраи солҳои 2018 ба миқдори 55,5 ҳазор тонна ва дар давоми 3 моҳи соли 2019, дар маҷмӯъ, ба андозаи 33,7 ҳазор тонна хӯроки паранда аз хориҷи кишвар ба ҷумҳурӣ ворид гардидааст. Дар баробари ин, аз ҷониби ин корхонаҳо аз бозори дохилии ҷумҳурӣ дар соли 2018 ва семоҳаи аввали соли 2019 мутаносибан ба миқдори 17,8 ҳазор тонна ва 1,1 ҳазор тонна хӯроки паранда харидорӣ шудааст.

Тибқи талабот ҳаҷми сарфи хӯрок дар корхонаҳои парандапарварӣ дар соли 2018 ба 68,6 ҳазор тонна ва дар семоҳаи соли 2019-ум 39,2 ҳазор тоннаро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳаҷми воридоти хӯрок дар соли 2018 ба андозаи 13,0 ҳазор тонна ва дар соли 2019 ба миқдори 5,5 ҳазор тонна камтар мебошад, ки ба ҳисоби миёна маблағи умумии хӯрок дар соли 2018 ва 3 моҳи соли 2019 мутаносибан ба 31,3 ва 13,1 млн. сомонӣ баробар аст. Яъне корхонаҳои парандапарварие, ки ба воридоти хӯроки паранда машғуланд, дар баробари парвариш, фурӯши паранда ва гӯшти он, молҳои воридоти худро ба дигар корхонаҳои парандапарварӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонии ба парвариши паранда машғулбуда таҳвил дода, аз ин ҳисоб даромад ба даст меоранд.

Тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунанда, воридоти хӯроки паранда, ки аз ҷониби субъектҳои парандапарварӣ барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ (худӣ) амалӣ мешаванд, аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод мебошад ва дар ҳолати ба бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳвил додани он, чунин амалиёт мутобиқи муқаррароти умумии Кодекси андоз мавриди андозбандӣ қарор мегиранд.

Масалан, тибқи маълумоти КВД «Саноати парандапарварии Тоҷикистон» ба ҳолати 1 апрели соли 2019 дар ҶДММ «Амина К» 67431 сар мурғ мавҷуд буда, талаботи хӯрок барои 15 моҳ (аз 01.01.2018 то 01.04.2019) 3641 тоннаро ташкил медиҳад. Дар ин давра аз ҷониби ҷамъият 10567 тонна хӯрок ворид гардидааст. Аз дохили ҷумҳурӣ низ 832 тоннаи дигар хӯрок харидорӣ шудааст, ки дар маҷмӯъ, хӯроки паранда нисбат ба талаботи худи корхона 7758 тонна (2 маротиба) зиёд мебошад.

Ҳолати мазкур шаҳодат медиҳад, ки баъзе аз корхонаҳои парандапарварӣ бо истифода аз имтиёзҳои андозӣ ба воридот ва фурӯши гандуму дигар хӯроки паранда машғул гардида, ба ин васила манбаъҳои андозбандишавандаро пинҳон ва дар ҳисоботи андозӣ нишон надода, аз андозбандӣ канораҷӯӣ карда истодаанд.

Тибқи маълумоти КВД "Саноати парандапарварии Тоҷикистон" дар миқёси ҷумҳурӣ 31 адад соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда низ ба фаъолияти парандапарварӣ машғул мебошанд. Зикр бояд кард, ки имтиёзҳои муқаррарнамудаи моддаи 3131 Кодекси андоз танҳо нисбати субъектҳои парандапарварие татбиқ мегардад, ки дар шакли шахси ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд. Таҳлили фаъолияти соҳибкорони инфиродии мазкур нишон медиҳад, ки аз ҷониби баъзеи онҳо даромади аз ҳисоби фурӯши тухм, гӯшт ва мурғи зинда бадастомада дар эъломияҳои андозӣ пурра нишон дода нашуда, манбаъҳои воқеии андозбандӣ низ пинҳон мемонанд.

Масалан, соҳибкори инфиродӣ Гулчаҳон Умарқулова дар 3 моҳи соли 2019 – ум 30200 дона тухм, 9900 кг гӯшт ва 1100 сар мурғи зиндаро истеҳсол ва ба фурӯш баровардааст, ки даромади аз ин ҳисоб бадастовардаи ӯ, дар маҷмӯъ, 241140 сомониро ташкил медиҳад. Аммо аз ҷониби соҳибкор даромади умумӣ дар эъломияи андози низоми содакардашуда барои семоҳаи якуми соли 2018 ба маблағи 13433 сомонӣ нишон дода шудааст, ки нисбат ба маблағи фурӯш 227707 сомонӣ кам аст.

Дар натиҷаи муқоисаи маълумоти КВД "Саноати парандапарварии Тоҷикистон" бо нишондиҳандаҳои эъломияҳои соҳибкорони инфиродии ба фаъолияти парандапарварӣ машғулбуда муайян шудааст, ки дар 27 ҳолат соҳибкорон даромадҳои андозбандишавандаи худро дар ҳисоботи андоз ба андозаи 2,4 млн. сомонӣ пинҳон кардаанд. Аз ин ҳисоб кам ҳисоб намудани андози низоми содакардашуда ба маблағи 146,0 ҳазор сомонӣ ва андози иҷтимоӣ ба маблағи 24,3 ҳазор сомонӣ, дар маҷмӯъ, зиёда аз 170 ҳазор сомонӣ ошкор шудааст.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Талабот ва ҳолати иҷро

**Мутобиқи талаботи моддаи 38 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби истифодабарии мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ - дорои ТИЭ) аз 02.05.2013, таҳти №210 тамоми субъектҳои соҳибкорӣ дар қисмати ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ вобаста ба таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо уҳдадоранд, ки аз МНХ истифода намоянд.**



Чуноне ки аз Нозироти андози ноҳияи Восеъ иттилоъ доданд, дар семоҳаи аввали соли 2019 дар фаъолияти 18 андозсупорандаи ноҳия мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ насб гардидааст, ки дар як моҳ 6 адад рост меояд. Кормаежони нозироти андоз дар ин давра бобати ба таври дуруст истифода накардани МНХ 15 андозсупорандаро дар асоси моддаҳои 614 - 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 43,8 ҳазор сомонӣ ҷарима намуданд, ки аз он 6,5 ҳазор сомониаш ба буҷет ворид шудааст.

Ба гуфтаи мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ бо соҳибкорони инфиродии нозироти андози ноҳия Сорбон Умаров, айни ҳол дар ҳудуди ноҳия 472 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома ва 1442 соҳибкор тибқи патент фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд. Аз ин айни ҳол 124 соҳибкори бо шаҳодатнома фаъолияткунанда бо сабабҳои номаълум фаъолияташонро қатъ намуданд.

Бақияи қарзи андоз дар ин ноҳия 1 январи соли 2019-ум, ки 9437,0 ҳазор сомониро ташкил медод, ба ҳолати 01 апрели соли 2019 ба 7101,5 ҳазор сомонӣ баробар шуд. Кормандони андози ноҳия дар семоҳаи аввали соли 2019 танҳо маблағи 2245,5 ҳазор сомонӣ қарзи андозро кам кардаанду халос. Қарздорӣ дар ноҳияи Восеъ, асосан, аз ҳисоби корхонаву ташкилотҳо ба назар мерасад. Ҷиҳати кам кардани бақияпулиҳои қарзи андоз нисбати 126 нафар андозсупоранда ба маблағи 5937,0 ҳазор сомонӣ қаор қабул шудааст. Аз ин дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ 50 адад қарор пурра иҷро гардида, ба буҷети давлатӣ 1294,8 ҳазор сомонӣ маблағи андоз ворид шудааст.

Бо мақсади ошкор намудани маблағҳои пинҳонӣ дар семоҳаи аввали соли 2019 аз тарафи кормандони нозироти андоз дар фаъолияти 19 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа маблағи 184 ҳазору 899 сомонӣ ошкор гардид. Ҳамчунин, дар ҳамин давра дар фаъолияти 6 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа 28 ҳазору 316 сомонӣ маблағҳои пинҳонкардаи соҳибкорон ошкор гардида, ба буҷет таъмин шуд.

Аз ин рӯ, кормандони мақомоти андози ноҳияи Восеъро зарур аст, ки ҷиҳати кам кардани бақияпулиҳои қарзи андоз ва рафъи камбудиҳо чораҳои қатъӣ андешанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

## Истифодаи нодурусти МНХ

- Мошини назоратӣ-хазинавӣ бахри танзиму назорати фаъолияти соҳибкорон мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, дар самти иҷрои нақшаи таъмини мошини назоратӣ-хазинавӣ барои андозсупорандагон аз имкониятҳои мавҷуда ба таври зарурӣ истифода мекунем, - гуфт сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони Нозироти андози ноҳияи Кӯшониён Ҷобилҷон Ғафуров.

Давоми се моҳи соли 2019 нисбати 9 андозсупоранда барои мувофиқи талабот истифода накардани мошини назоратӣ-хазинавӣ ба маблағи 37400 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуд.

Ҷ. Ғафуров изҳор дошт, ки аз ҷумлаи андозсупорандагони ҷаримашуда ҶДММ «Зафар - 21», ҶДММ «36-6», ки ба фаъолияти дорухон машғул мебошад, соҳибкорони инфиродӣ Таманно Қосимова ва Дӯстмурод Мастиев ҳастанд. Дар моҳи март 4 протоколи маъмурӣ тартиб дода шудааст, ки маблағи умумии он 17600 сомониро ташкил медиҳад.

Тибқи нақшаи муқарраршуда дар ноҳияи Кӯшониён барои соли 2019 насби 84 адад мошини назоратӣ-хазинавӣ муқаррар гардидааст. Давоми се моҳ 15 адади он таъмин шуда, то охири сол бояд 42 соҳибкори инфиродӣ ва 42 шахси ҳуқуқӣ бо мошини назоратӣ-хазинавӣ таъмин шаванд.

**С. РУСТАМ**

# Натиҷагирӣ аз вохӯрии Пешвои миллат

**Дар Раёсати андози шаҳри Душанбе бо мақсади расонидани нуктаҳои матни суханронӣ ва дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар (10 майи соли 2019) семинар-машварат доир гардид.**

Нахуст, муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Маҳмадсаид зикр кард, ки Пешвои миллат дар мулоқот, фаъолияти соҳаҳои молиёт, аз ҷумла андозро, ки дар онҳо камбудиҳо дида мешуд, зери танқид қарор доданд ва бартараф сохтани камбудиҳои ҷойдоштаро барои рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ зарур шумориданд.

Ҳарчанд, қисми даромади буҷети давлатӣ, дар маҷмӯъ, таъмин гардидааст, аммо тайи солҳои охир иҷрои нақшаи воридоти андозҳо аз ҳисоби андозҳои ғайримустақим (андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо) таъмин нашудааст, ёдовар шуд О.Маҳмадсаид аз суханронии Пешвои миллат. Аз ин ҳисоб ба буҷет 860 миллион сомонӣ ворид нагардидааст. Инчунин, вазъи бақияи қарзи андозҳо дар миқёси кишвар нигаронкунанда боқи мондааст. Яке аз сабабҳои чунин ҳолат дар номукаммал будани низомиояндабинӣ ва банақшагирӣ дар ин самт мебошад.

Масъалаи дигаре, ки Роҳбари давлат дар суханрониашон қайд кардаанд, ҳарчи зудтар ба тариқи электронӣ пешниҳод намудан ва пардохти саривақтии андозҳо мебошад, ки мақомоти андоз барои иҷрои он тамоми шароитро баҳри андозсупорандагон фароҳам намудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки вобаста ба ин тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2010, таҳти №626 дар бораи тасдиқи «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019» хизматрасонии пайвасшавии субъектҳои хоҷагидор барои пешниҳоди эъломияҳои андоз ба тариқи электронӣ аз 20 майи соли 2019 сар карда ройгон анҷом дода мешавад.

Барои беҳтар ва хубтар ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти андоз корҳои тавзеҳотии фаҳмондадиҳиро миёни шаҳрвандон ва андозсупорандагон ҷаннок бояд намуд, - гуфт дар охир Обиди Маҳмадсаид.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**




**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Лучше поздно, чем никогда

## Уральский бизнесмен, скрывавшийся в Лондоне, легализовался в России

Два года условно получил бизнесмен Сергей Капчук, обвиняемый в мошенничестве в особо крупном размере с использованием служебного положения. Он стал первым уральцем из списка скрывавшихся от правосудия в Лондоне предпринимателей, кто легализовался в России. Он вернулся на родину в июне прошлого года и до решения суда находился под подпиской о невыезде.

Уголовное дело в отношении Капчука возбудили в 2005 году. По версии следствия, в 1997 году Сергей Капчук, который в то время занимал пост замгредставителя губернатора Свердловской области при президенте РФ, вместе с братом Константином, работавшим в структуре железной дороги, купил в Москве служебную квартиру стоимостью два миллиарда неденоминированных рублей. Деньги были выделены ГУП «Свердловская железная дорога» в счет погашения долгов по налогам перед бюджетом. Недвижимость была оформлена на супругу Сергея Капчука, а позже продана. Вырученные деньги Капчук присвоил себе. В 2005 году арестовали брата Сергея Капчука Константина. Его приговорили к пяти годам колонии, в 2007 году освободили по амнистии. Сам же Сергей покинул страну. Жил на Кипре, в ОАЭ, позже осел в Лондоне. В феврале 2018 года вошел в список бизнесменов, скрывающихся за границей и желающих вернуться домой. Список составил бизнес-омбудсмен РФ. Капчуку, как и другим предпринимателям, пообещали: в случае добровольного возвращения они не будут арестованы, их дела пересмотрят.

**https://rg.ru/**

## ЭЪЛОН

**АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!**

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, инчунин кам намудани муносибати корманди мақомоти андоз бо андозсупорандагон, аз 01.06.2019 дар Кумитаи андоз боз як шакли хизматрасонӣ, аз ҷумла тавассути модули «Утоқи шахсии андозсупоранда» тартиб додани санади муқоисавӣ дар шакли электронӣ таҳия ва мавриди истифода қарор дода шуд.

Бинобар ин, андозсупорандагон метавонанд минбаъд аз хизматрасонии мазкур истифода намуда, санади муқоисавиро дар шакли электронӣ тартиб диҳанд.

Дар ҳолати пайдо гардидани мушкилӣ ва гирифтани маълумоти муфассал ба Маркази тамоси Кумитаи андоз бо телефони 151 муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Госдолг Японии впервые за всю историю превысил 10 трлн долларов

**СУММА ДОЛГА БОЛЕЕ ЧЕМ В ДВА РАЗА ПРЕВЫШАЕТ ВВП СТРАНЫ**

Государственный долг Японии впервые за всю историю страны преодолел отметку в 10 триллионов долларов, сообщает телеканал NHK



По состоянию на 31 марта 2019 года сумма госдолга составила 1103,4 трлн иен (более 10 трлн долларов). По сравнению с прошлым годом долг вырос на 141 млрд долларов.

Эксперты отмечают, что размер госдолга Японии более чем в два раза превышает валовый внутренний продукт (ВВП) страны. Отмечается, что этот показатель признан худшим среди членов «Группы семи», в которую также входят Великобритания, Германия, Италия, Канада, США и Франция.

Причиной сложившейся ситуации называют увеличение социальных расходов бюджета, связанных с неуклонным старением японцев. Сейчас почти треть (28%) населения страны старше 65 лет. Правительство не может покрывать их только за счет налогов и вынуждено прибегать к выпуску государственных облигаций. Они пользуются стабильным спросом и считаются надежным финансовым инструментом.

Напомним, в феврале этого года госдолг США впервые преодолел отметку в 22 трлн долларов. Всего за год этот показатель вырос более чем на 90 миллиардов долларов.

http://www.aif.ru/

**Чанде пеш Гурӯҳи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», дурустии хисоб ва пардохти андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон, ҳолати бақайдгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ, рафти иҷрои Фармоиши Раиси Кумитаи андоз «Оиди баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 28.04.2017, №192, инчунин ҷиҳати дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ сафарбар гардид.**



# Фарқият дар нишондиҳандаҳо

### КОРҲОИ АНҶОМЁФТА

Ҳангоми амалӣ кардани корҳои таҳлилӣ, назоратӣ ва фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби Гурӯҳи корӣ даромади андозбандишавандаи 78 адад андозсупоранда ба маблағи 3102,9 ҳазор сомонӣ зиёд шуда, аз ин ҳисоб дар фаъолияти онҳо ба маблағи 288,9 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва пардохти 278,3 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Инчунин, 50 ҳолати беқайд дар мақомоти андоз ба фаъолият машғул гардидани шахсони воқеӣ муайян ва ошкор гардида, аз ин рақам дар рафти фаъолият 36 нафар бо патент, 3 нафар бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ ва 11 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шуд.

Барои вайрон кардани талаботи қонунгузориҳои андоз нисбати 20 нафар андозсупоранда мутобиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 48,4 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ таъин шуда, аз маблағи умумии ҷаримаҳои таъиншуда пардохти 21,5 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардид.

Сармутахассиси Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маъруф Расулов қайд кард, ки нисбати 68 адад андозсупорандаи қарздор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи 1255,5 ҳазор сомонӣ қарор қабул гардидааст, ки аз ҳисоби онҳо ба маблағи 371,6 ҳазор сомонӣ ва ҳамзамон, аз ҳисоби қарорҳои қаблан қабулнамудаи нозироти андоз, ки то давраи фаъолияти Гурӯҳи корӣ бе иҷро монда буданд, ба маблағи 241,0 ҳазор сомонӣ ба буҷет ситонида шуд. Яъне, бақияпулиҳои андозӣ, дар маҷмӯъ, ба андозаи 612,6 ҳазор сомонӣ кам гардид.

Ҳамин тариқ, Гурӯҳи корӣ дар рафти фаъолият дар натиҷаи гузаронидани корҳои таҳлилию назоратӣ аз ҳисоби эъломияҳои иловагии қабулшуда ва кам кардани ҳаҷми бақияпулиҳои андозӣ, дар маҷмӯъ, ба андозаи 921,0 ҳазор сомонӣ воридоти андозҳоро ба буҷет таъмин намуд.

### ТАРТИБ ДОДАНИ САНАДҲОИ МУҚОИСАВӢ ВА КАМ КАРДАНИ БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗ

Гурӯҳи корӣ якҷоя бо кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бо 535 адад андозсупорандаи шакли моликияташон гуногун санади муқоисавии дуҷониба тартиб дод. Дар рафти тартиб додани санадҳои муқоисавӣ бақияи қарзи андозҳо дар ҳаҷми 423,4 ҳазор сомонӣ ва изофапулии андозҳо ба маблағи 246,7 ҳазор сомонӣ кам карда шуд.

Ҳолати изофапулиҳои андоз, ки дар натиҷаи сари вақт ворид накардани эъломияҳои андозии андозсупорандагон ба вуҷуд омадаанд, дар фаъолияти муассисаҳои давлатии "МТМУ №2" ба маблағи 28,2 ҳазор сомонӣ, "МТМУ №50" 23,8 ҳазор сомонӣ, "МТМУ №30" 10,1 ҳазор сомонӣ, "МТМУ №16" 18,5 ҳазор сомонӣ мебошад, ки дар давраи фаъолияти Гурӯҳи корӣ нисбати ин андозсупорандагон бо тартиб додани санадҳои муқоисавии дуҷониба маблағҳои изофапулии онҳо бартараф шуданд.

Дар рафти таҳлили барномаи компютерӣ оид ба изофапулии андозҳо аз тарафи соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, тавре муайян шуд, дар ҳисобварақаҳои 244 нафар соҳибкор ба маблағи 506,0 ҳазор сомонӣ (бе дарназардошти бақияи қарз) маблағҳои изофапулӣ мавҷуд мебошад.

### БАҲИСОБГИРИИ ОБЪЕКТҲОИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ВА ҚИТЪАҲОИ ЗАМИН

Шумораи супорандагони андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дар нозироти андози ноҳия ба ҳолати 01.01.2017 –ум 21452 ададро ташкил медиҳад, ки ба ҳолати 1 майи соли 2019 нисбати 21066 адади онҳо баҳисобгирӣ (инвентаризатсия) гузаронида шуда, маълумоти баҳисобгирифташуда ба махзани маълумоти барномаҳои компютерӣ дохил гардидаанд.

Бо мақсади муайян намудани дурустии ҳолати корҳои анҷомдодашуда, аз ҷумла сифати гузаронидани баҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул нисбати 46 адад объекти молу мулки ғайриманқули соҳибмулконе, ки қаблан таҳти баҳисобгирӣ қарор гирифта буданд, аз назар гузаронида шуд. Дар натиҷа, дар баъзе ҳолатҳо фарқият муайян гардид.

Масалан, нисбати 46 объекти ғайриманқули шахсони воқеие, ки аз тарафи Гурӯҳи корӣ азнавченкунӣ гузаронида шуд, дар 17 ҳолати он нисбати баҳисобгириҳои қаблӣ фарқият муайян гардид. Чунончи, тибқи маълумоти баҳисобгирӣ (инвентаризатсия) оид ба гузаронидани азнавбаҳисобгирӣ дар ҷамоати Ифтихор, деҳаи Навобод 6 санад, ба номи шаҳрванд Асадулло Бекназаров 72 метри мураббаъ объектҳои ғайриманқули ба сифати бинои истиқоматӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, аммо, чуноне ки дар натиҷаи корҳои назоратӣ муайян гардид, масоҳати бинои зикршуда ба 214 метри мураббаъ баробар мебошад. Яъне масоҳати бинои мазкур ба андозаи 142 метри мураббаъ кам ба ҳисоб гирифта шудааст.

Аз тарафи Гурӯҳи корӣ нисбати 4 нуқтаи ҶДММ "ИМОМ-АЛӢ" баҳисобгирии (инвентаризатсияи) молу мулки ғайриманқули шахсони ҳуқуқӣ гузаронида шуд, ки фарқияти масоҳати дар ҳисоботи ҷамъиятбуда ба масоҳати 622 метри мураббаъ кам пешниҳод гардидааст. Маблағи кам ҳисобшудаи андоз дар давоми муҳлати даъво 10,1 ҳазор сомониро ташкил дод, ки он аз тарафи ҷамъият ба буҷет пурра таъмин шуд.

Гурӯҳи кории Кумитаи андоз дар давраи фаъолияти худ тавонист то андозсупорандагонро аз пеши роҳи қонуншиканиҳои бархе аз андозсупорандаҳоро бигирад. Хуб мешуд, кормандони Нозироти андози ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар баробари ҷамъоварии андозҳо, ба гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва семинар-машваратҳо низ диққати ҷиддӣ бидиҳад. Зеро ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба баланд шудани сатҳи дониши андозии андозсупорандагон ва маърифати андозсупории онҳо мусоидат мекунад.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Фаъолияти соҳибкорӣ дар Чин

**Соҳибкорони хурд ва миёна дар Ҷумҳурии Мардумии Чин дар доираи низоми оила пайдо шуда, баъдан, бо инкишофи рақобати бозорӣ, дар гурӯҳҳои хурд ва миёнаи истеҳсолӣ якҷоя шудаанд.**




Айни ҳол дар ин кишвар 59,6 миллион корхонаи хурду миёна ва хоҷагиҳои инфиродӣ фаъолият намуда, ҳаҷми умумии сармояи оинномавии онҳо садҳо триллион долларро ташкил медиҳад. Ба корхонаҳои хурду миёна 74,7 фоизи арзиши иловашудаи маҳсулоти саноатӣ, 58,9 фоизи ҳаҷми умумии бозори истеъмолӣ ва 62,3 фоизи ҳаҷми умумии содирот рост омада, дар ин соҳаи тиҷорат то 80 фоизи аҳолии шаҳрҳои бузургу хурд машғул мебошанд.

Саҳми корхонаҳои хурду миёна дар рушди технологияҳои навин хеле бузург буда, 65 фоизи патентҳои қайдшуда оид ба навовариҳо, 75 фоизи инноватсияҳои ба истеҳсолот воридшуда ба онҳо рост меояд. Зиёда аз 70 фоизи корхонаҳои хурд шомили парки технологияҳои олӣ буда, 82,6 фоизи истеҳсолоти аз лиҳози технологӣ олидараҷаи мамлакатро маҳз онҳо ҷорӣ намудаанд.

Ҳамин тариқ, соҳибкории хурду миёна Чинро аз давлати аграрии қафомонда ба яке аз истеҳсолкунандагони бузурги саноатӣ дар ҷаҳон табдил додаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки заминаи ин муваффақиятҳо, қабл аз ҳама, дастгирии ҳамаҷонибаи давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории хурду миёна буда, асоси онро таъминоти самараноки ҳуқуқӣ ва ниҳоди фаъолияти соҳибкорӣ; ташаккули низоми густурдаи давлатию ҷамъиятии дастгирии соҳибкорӣ; таъминоти иттилоотии соҳибкорон ва дастрасии онҳо ба қарзҳои бонкӣ; ғамхории махсус нисбати соҳибкорӣ дар соҳаи инноватсия ва технологияҳои нав; мусоидат ба роҳёбии соҳибкорони чинӣ ба бозорҳои байналмилалӣ; ҳавасмандгардонии ҷавонон барои машғул шудан ба соҳибкорӣ ва тарғиби сарватмандшавӣ бо роҳи тиҷорат; пайваста баланд бардоштани сатҳи тахассусии роҳбарони ташкилотҳои тиҷоратӣ ташкил медиҳанд.

Пешбарандаи асосии сиёсати иқтисодии давлатӣ "Комиссияи миллӣ оид ба инкишоф ва ислоҳот" ба ҳисоб меравад, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти он ташкили шароит барои инкишофи муназзами бизнеси хурд мебошад. Дар ҳайати Комиссияи мазкур «Департаменти рушди соҳибкории хурду миёна» ва «Маркази ҳамоҳангсозӣ ва кооператсияи Чин" амал мекунанд. Маркази номбурда оҷонсии махсус доир ба хизматрасонии соҳибкории хурд маҳсуб ёфта, дар як вақт ҳамкории иқтисодию технологии ташкилотҳои ҳифзи соҳибкории ватанию хориҷиро таъмин менамояд.

Бо мақсади таъмини ҳаматарафа ва саривақтии хизматрасонии иттилоотии аҳолии кишвар ва тамоми мақомоти давлатӣ оид ба масъалаҳои фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна, бо қарори ҳукумат соли 2001, инчунин, Хадамоти давлатии ғайритиҷоратии иттилоотӣ (CSMEO) ташкил шудааст. Фаъолияти CSMEO аз ҷониби "Департаменти рушди соҳибкории хурд ва миёна" дастгирӣ меёбад.

Дар фаъолияти CSMEO зиёда аз 10 ҳазор агентӣ ва ширкатҳои миёнарав иштирок намуда, ба рушди муносибатҳои тиҷоратӣ миёни корхонаҳо мусоидат менамоянд. Ин ниҳодҳо мунтазам ярмаркаҳои молу маҳсулот ташкил намуда, оид ба ташаббусҳои Ҳукумат ва тамоми зинаҳои дигар шохаҳои ҳокимият вобаста ба масъалаҳои соҳибкорӣ иттилоот пахш менамоянд.

Бо мақсади таъмини дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ аз ҷониби Бонки мардумии Чин расмиёти содакардашудаи гирифтани қарзҳо роҳандозӣ шуда, муассисаҳои молиявӣ ба додани кафолати қарз ҳавасманд карда мешаванд.

Бо мақсади ҳарчи бештар роҳ ёфтани ширкатҳои чинӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ соли 2000 "Фонди рушди бозори байналмилалӣ барои соҳибкорони хурду миёна" таъсис ёфта, аз соли 2003 инҷониб бо иштироки онҳо дар кишварҳои гуногуни олам Намоишгоҳҳои байналмилии Чин баргузор карда мешаванд.

Дар ин раванд Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин ба баланд бардоштани сатҳи тахассуси касбии роҳбарони ташкилотҳои тиҷоратӣ диққати махсус дода, дар марказҳои махсуси таълимӣ барои соҳибкорон бо ҷалби коршиносони варзида аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ машғулиятҳои омӯзишӣ мегузаронад.

Ҷанбаи дигари ҷолиби диққат доир ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ – ин ҳавасмандгардонӣ ва ташвиқи аҳолӣ, бахусус ҷавонон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Ин масъала солҳои охир ба яке аз принсипҳои асосии сиёсати дохилии иқтисодӣ ва мавзӯи дар байни намояндагони мақомоти олии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин аз ҳама зиёд муҳокимашаванда табдил ёфтааст.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ба тиҷорат зиёда аз 500 бизнесинкубаторҳо таъсис дода шудаанд, ки дар онҳо ба шунавандагон асосҳои тиҷорат омӯзонида шуда, ҷиҳати оғози тиҷорат ба онҳо сармояи ибтидоӣ ҷудо мегардад. Тавассути шабакаҳои интернетӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ, хусусияти он дар музофотҳои алоҳида, роҳҳои бартараф намудани мушкилиҳо дар ин самт маводи зиёди таълимӣ паҳн карда мешавад. Комёбиҳои соҳибкорони алоҳида дар ин ҷода дар воситаҳои ахбори омма мунтазам ташвиқ тарғиб мегарданд.

**Таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин доир ба рушди соҳибкорӣ хеле ҷолиб буда, бисёр ҷанбаъҳои он барои мамлакати мо низ қобили қабул буда метавонанд.**

**М. ХАЛИФАЗОДА,**

**сардори шуъбаи назорати иҷрои қонунгузории андози Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар остонаи сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе китоби «Тоҷикистон ва Чин: аз дӯстии таърихӣ то шарикии стратегӣ», ки дар доираи ҳамкории муштараки донишмандони тоҷику чин нашр гардидааст, бо ибтикори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Душанбе муаррифӣ гардид.**

# Дар Душанбе китоби «Тоҷикистон ва Чин: аз дӯстии таърихӣ то шарикии стратегӣ» муаррифӣ гардид

Дар маросими рӯнамоии китоби мазкур директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Диловар Қодирзода, Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Мардуми Чин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Лю Бин, ноиби Президенти Академияи илмҳои ҷамъиятии вилояти Гансуи Ҷумҳурии Мардумии Чин Ма Тинсюй доир ба ҳамкории мутақобилан судманди Тоҷикистону Чин дар соҳаҳои гуногун ибрози назар намуданд.

Зикр шуд, ки ду кишварро аз қадимулайём робитаҳои неки иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию фарҳангӣ бо ҳам мепайванданд ва ин робитаҳо дар замони муосир бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо саъю талоши сарони ҳарду давлат ворид марҳалаи сифатан нав гардидааст. Хусусан, ҳамкории Тоҷикистону Чин дар доираи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, назири Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҳамкории Шанхай беш аз пеш тавсеа ёфта, то ба сатҳи шарикии стратегӣ расидааст. Чину Тоҷикистон ду кишвари ҳамҷавор ва дӯст дар минтақа маҳсуб ёфта, робитаҳои иқтисодию тиҷоратиро ҳар чӣ бештар густариш медиҳанд.

Чин дар рушди иқтисодии Тоҷикистон яке аз давлатҳои пешсаф арзёбӣ гардида, гардиши мол байни ду давлати ҳамсоя то ба 1 миллиард доллар расонида шудааст. Саҳми Чин дар бунёди иншооти муҳими Тоҷикистон калон аст.

Зимни муаррифии китоб муаллифон роҷеъ ба аҳамияти нашри китоби мазкур дар тавсеаи ҳамкории илмию фарҳангии Тоҷикистону Чин ибрози назар намуданд.

Зикр шуд, ки китоби мазкур дар доираи ҳамкории мутахассисони Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои ҷамъиятии вилояти Гансуи Ҷумҳурии Мардумии Чин таҳия ва нашр гардида, паҳлӯҳои гуногуни робитаҳои дӯстиву ҳусни ҳамҷаворӣ, шарикии стратегӣ, ҳамкории сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ, дар маҷмӯъ, таърихи равобити судманди Тоҷикистону Чинро дар бар мегирад.

Китоби мавриди назар нахустин кори муштараки олимони тоҷику чинӣ буда, дар таҳияи он гурӯҳи муаллифон иштирок намудаанд. Китоб дар Тоҷикистон бо забони русӣ ва дар Чин бо забони чинӣ нашр гардида, дар оянда интизор меравад, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чоп гардад. Он аз ҷониби муқарризон ва олимони шинохтаи тоҷику чинӣ тақриз шуда, зери назари Академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров ба нашр расидааст.

Нашри китоби «Тоҷикистон ва Чин: аз дӯстии таърихӣ то шарикии стратегӣ» дар ҳолест, ки 28 апрели соли равон дар Академияи фанҳои ҷамъиятии Чин муаррифии китоби арзишманди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих», ки ба забони чинӣ тарҷума ва чоп шудааст, дар маросими бошукӯҳ дар Пекин муаррифӣ шуд. Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Абдулло Раҳнамо, ки яке аз иштирокдорони ин маросим буд, мегӯяд, ки чопи чинии китоби арзишманди Пешвои миллат «Тоҷикон дар оинаи таърих» аз ҷониби олимону мутахассисони чинӣ баҳои баланд гирифт.

**АМИТ «Ховар»**

УҲДАДОРИИ АНДОЗ

# Тартиби ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил ва аз он хориҷ кардани субъектҳои хоҷагидор

Мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупоранда шахсе мебошад, ки ба зиммааш уҳдадории пардохти андозҳо гузошта шудааст. Андозсупорандагоне, ки уҳдадориҳои андозии худро мутобиқи Кодекси андоз сари вақт ва пурра иҷро намекунанд, дар асоси фармоишҳои дахлдори Раиси Кумитаи андоз ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил мешаванд ва ҳуқуқи ба таври электронӣ пешниҳод намудани ҳисоботи андозро аз даст дода, аз ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ба таври электронӣ истифода карда наметавонанд. Дар сурати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта субъекти хоҷагидор аз рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулит» хориҷ мешавад ва имкони ба таври электронӣ пешниҳод кардани ҳисоботи андозро ба даст меорад.

Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди андозсупорандагони бемасъулият» аз 22 майи соли 2019, таҳти №202 дар асоси талаботи банди 51 моддаи 17, қисми 3 моддаи 44, моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 2.11.2015, №376 «Оид ба тасдиқ намудани тартиби ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил ва хориҷ намудани субъектҳои хоҷагидор», ба рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият», ки бо Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.02.2011, №57 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳо ворид шуд.

Бино бар пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оид ба бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта андозсупорандагони дар замимаи №1 ба фармоиши мазкур овардашуда, бо дарназардошти хулосаҳои замимагардида аз рӯйхати "Андозсупорандагони бемасъулият" хориҷ мешаванд.

**Замимаи №1**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
аз 22 майи соли 2019, №202

**Номгӯи андозсупорандагоне, ки аз рӯйхати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ шуданд:**

| № | Номгӯи андозсупоранда |
|---|---|
| 1 | ҶДММ «Альянс Сомон» |
| 2 | ҶДММ «Исмоили Сомонӣ» |
| 3 | ҶДММ «Ваҳдат – 2020» |
| 4 | Ширкати соҳибмулкони манзили «Ҳаёти мо» |

**Хотиррасон мешавем, ки фармоиши зикршуда Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз"-ро вазифадор мекунад, ки барои дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир кардани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намоянд.**

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Қарздорӣ аз маблағи патент

**Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба ҳолати 1-уми майи соли 2019 аз 4 ҳазору 786 нафар соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда зиёда аз 1000 нафарашон аз буҷети давлатӣ ба маблағҳои аз 3 ҳазор то 15 ҳазор сомонӣ қарзҳои андоз доранд. Фаъолияти ин соҳибкорон ба ҳамлу нақли молу маҳсулот, мусофирон тавассути нақлиёт, савдо ва хизматрасонӣ нигаронида шудааст.**

- Тибқи талаботи моддаи 45 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Нозироти андози ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда барои пардохти қарзи мавҷудаи андозашон дар назди буҷети давлатӣ то ин дам 2520 адад огоҳинома ирсол намудааст, мегӯяд сардори Гурӯҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо Патент фаъолияткунанда Илҳомҷон Мирзоев. - Бо вуҷуди такроран огоҳинома додан ва ҳатто ба рақами телефони мобилиашон СМС-паёмак фиристодан ҳам, баъзе аз соҳибкорони қарздор аз буҷети давлатӣ барои пардохти қарзи худ ҳамоно бемасъулиятӣ зоҳир намуда, чораҳои зарурӣ намеандешанд. Илова бар ин, таҳлилҳои гузаронидаи нозироти андози ноҳия аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки баъзе аз ин соҳибкорони аз буҷет қарздор бо мақсади канораҷӯӣ аз пардохти қарзи андоз фаъолияти худро қонунан қатъ накарда, амалан бо патент ба номи шахсони дигар фаъолияти соҳибкории худро идома дода истодаанд. Ҳол он ки тибқи талботи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» соҳибкор вазифадор аст барои қатъи фаъолияти худ ба мақомоти андоз муроҷиат намояд. Мутаассифона, ин талаботи қонунгузории кишварамонро на ҳамаи соҳибкорон риоя мекунанд, ки дар натиҷа аз ҳисоби онҳо дар назди буҷети давлатӣ қарзҳои зиёди андоз пайдо мешаванд.


Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ПАТЕНТ

барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ

Ном:
Насаб:
Номи падар:
Рақами ягонаи мушаххас:
Санаи судур:
Намудҳои фаъолияти пешбининамудаи банд(хо)-и 10(аз 10м2 то 15м2) –и замимаи 2 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 №451

Ҷ.М.

Бо рамзҳои оморӣ ва рақами мушаххаси суғуртавӣ таъмин будани соҳибкори инфиродӣ тасдиқ карда мешавад. Ба дорандаи Патенти мазкур пешниҳоди ҳисоботи дахлдори оморӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ зарур аст.

Дар Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон дар Ноҳияи Фирдавси аз 15.02.2018 ба сабти давлатӣ гирифта шуда, дар нозироти андози Ноҳияи Фирдавси аз қайди баҳисобгирӣ гузаронида шудааст.

Бақайдгиранда:
Имзои шахси масъул:

0341992

Мутобиқ ба талаботи банди 17 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31 августи соли 2012 №451 соҳибкороне, ки тибқи патент фаъолият мекунанд, уҳдадоранд маблағҳои ҳисобшудаи андозро то санаи 5-уми моҳи ҳисоботӣ пардохт намоянд. Инчунин, дар асоси нишондоди банди 19 ҳамин қарор онҳо бояд дар як сол як маротиба бо мақомоти андоз санади муқоисавӣ тартиб диҳанд. Мӯҳлати гузаронидани санади муқоисавӣ то 1-уми марти соли ҳисоботӣ муқаррар гардидааст. Аз ҳамаи соҳибкорони тибқи патент фаъолиятдошта дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар моҳи январи соли 2019-ум 425 нафар, феврал 235 нафар, март 161 нафар, апрел 203 нафар, май 166 нафар бо мақомоти андоз санади муқоисавӣ гузаронидаанду халос.

Ёдовар мешавем, ки барои сари вақт ва дар мӯҳлати муқарраргардида тартиб надодани санади муқоисавӣ моддаи 607 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 то 30 нишондиҳанда, (аз 1100 то 1600 сомонӣ) ҷаримаи маъмурӣ пешбинӣ намудааст.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Талабот ва таъмини МНХ

**Тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба нақшаи таъмини МНХ барои соли 2019» аз 08.01.2019, №5 мақомоти ҳудудии андоз дар вилояти Суғд вазифадор гардида буданд, ки ба санаи 1-уми апрели соли ҷорӣ 504 андозсупорандаро бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин намоянд.**




Тибқи маълумоти дастрасшуда аз Раёсати андози вилояти Суғд ба санаи 1-уми апрели соли 2019 ҳамагӣ 350 нафар андозсупоранда дар вилоят бо мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ таъмин шудаанд, ки аз нақшаи пешбинишуда 154 адад кам ё 69,4 фоизи талаботро ташкил медиҳад. Иҷро нагардидани нақша аз хунукназарии баъзе аз масъулони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо ба ин масъала дарак медиҳад. Аз ҷумла, дар нозиротҳои андози шаҳрру ноҳияҳои Истаравшан 23%, Панҷакент 21%, Спитамен 33%, Бобоҷон Ғафуров 60% иҷро шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки вобаста ба истифодаи дурусти МНХ-и дорои ТИЭ Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.11.2012 ва дастури методӣ «Дар бораи гузаронидани харидҳи назоратӣ» ба уҳдаи кормандони масъули мақомоти андоз вогузор шудааст.

Дар самти иҷрои фармоиши мазкур ва гузаронидани хариди назоратӣ доир ба истифодаи дурусти мошини назоратӣ-хазинавии дорои ТИЭ дар чор моҳи соли 2019 аз тарафи мақомоти ҳудудии андози вилояти Суғд дар фаъолияти 440 андозсупоранда корҳои назоратӣ гузаронида шудааст. Аз ҷумла, аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Исфара 41 адад, Хуҷанд 37 адад шаҳри Конибодом 37 адад, Мастчоҳ 21 адад, Бӯстон 16 адад, Ҷаббор Расулов 16 адад протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар самти дуруст истифода накардани мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои ТИЭ тартиб дода шудааст. Дар натиҷа, ба маблағи 1 миллиону 510 ҳазор сомонӣ парвандаҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, аз ин маблағ 1 миллиону 232 ҳазор сомониаш ба буҷет пардохт гардидааст.

Аз тарафи гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд низ дар ин самт корҳои назоратӣ гузаронида мешаванд. Бино ба иттилои сардори гурӯҳ Абдусамад Зарипов дар чор моҳи соли 2019 дар фаъолияти 169-андозсупоранда корҳои назоратӣ оид ба истифодабарии мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ гузаронида шуда, ба маблағи 693,0 ҳазор сомонӣ парвандаҳои маъмурӣ тартиб дода шудаанд. Аз ин маблағ 669 ҳазор сомонӣ ба ҳисоби буҷети давлатӣ рӯёнида шудааст.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Как начать свой бизнес и уплачивать налоги

**Наряду за контроль правильности исчисления, полноты и своевременность уплаты налогов в бюджет, другой наименее важной обязанностью налоговых органов Республики Таджикистан является проведение разъяснительных работ по применению налогового законодательства Республики Таджикистан. В этой связи предоставляем вашему вниманию вопросы и ответы на тему как начать свой бизнес.**




## С чего начинается бизнес?

В соответствии с Законом Республики Таджикистан «О государственной регистрации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей» от 19 мая 2009 года №508 бизнес необходимо зарегистрировать в качестве юридического лица или индивидуального предпринимателя. Согласно закона, государственная регистрация предпринимательской деятельности осуществляется со стороны налоговых органов по принципу «Единого окна».

Необходимо заметить, что государственная регистрация обеспечивает государственную защиту, поддержку и государственную гарантию деятельности субъектов предпринимательства в Республике Таджикистан.

## Государственный орган по регистрации бизнеса

Государственная регистрация осуществляется по принципу «единое окно» в налоговом органе по месту нахождения предпринимателя. Для государственной регистрации заявитель обязан представить документы (указаны в статьях 11, 22 Закона Республики Таджикистан "О государственной регистрации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей") в налоговый орган по месту нахождения.

В целях, упрощения государственной регистрации бизнеса с 2018 года через сайт Налогового комитета (https://andoz.tj/vse-elektronnie-servisi.aspx) разработана электронная услуга «Предоставление документов для государственной регистрации». Посредством которого налогоплательщик имеет возможность в электронном формате предоставить соответствующие документы в налоговый орган для регистрации своего бизнеса. Данная услуга предоставляется бесплатно.

## Документы, необходимые для регистрации юридического лица

Для регистрации юридического лица необходимо предоставить следующие документы:

1) заявление на государственную регистрацию юридического лица по форме, утвержденной органом, осуществляющим государственную регистрацию. В заявлении указываются а) организационно- правовая форма юридического лица; б) полное (в случае наличия также и сокращенное) фирменное наименование юридического лица на государственном языке Республики Таджикистан; в) место нахождения (адрес) юридического лица; г) способ образования юридического лица (создание либо реорганизация); д) сведения об учредителе (учредителях) и руководителе юридического лица (фирменное наименование юридического лица, фамилия, имя и отчество физического лица, место нахождения юридического и физического лица, контактные данные, а также сведения, выявляющие бенефициарных собственников юридического лица); е) основной вид (основные виды) деятельности, который (которые) намерено осуществлять юридическое лицо, для целей присвоения статистических кодов; ж) дата подачи заявления и подпись заявителя.

2) решение учредителя (протокол собрания учредителей) о создании юридического лица. Решение о создании юридического лица подписывается учредителем (учредителями) юридического лица;

3) копия документа, удостоверяющего личность руководителя исполнительного органа создаваемого юридического лица в случае, если документы подаются руководителем исполнительного органа создаваемого юридического лица, или копия документа, удостоверяющего личность, и доверенность на имя уполномоченного лица в случае, если документы на государственную регистрацию юридического лица подаются уполномоченным учредителями лицом.

Если руководителем исполнительного органа создаваемого юридического лица является иностранный гражданин, также копия документа, на основании которого иностранному физическому лицу разрешено пребывание и осуществление трудовой деятельности на территории Республики Таджикистан (виза, регистрационная карта и вид на жительство на срок действия не менее трех месяцев).

4) копия документа, удостоверяющего личность каждого учредителя (физического лица) юридического лица, а также в отношении учредителя - акционерного обществавыписка из реестра акционеров и удостоверяющие документы держателя реестра акционеров и справка налогового органа об отсутствии налоговой задолженности у учредителя юридического лица;

5) в случае создания юридического лица на территории свободной экономической зоны сведения администрации свободной экономической зоны(в редакции Закона РТ от 29.12.2010г.№669);

6) копия документа о государственной регистрации юридического лица либо выписка из реестра юридических лиц иностранного государства (или иной равный по юридической силе документ, доказывающий юридический статус иностранного юридического лица) в случае, если учредителем выступает иностранное юридическое лицо;

7) заключение соответствующего органа в случае регистрации средств массовой информации;

8) квитанция об оплате государственной пошлины (Согласно Закону РТ "«О государственной пошлине" госпошлина взимается в размере 25 показателей для расчетов. В 2019 году показатель для расчетов 55 сомони);

9) копия документа, подтверждающего местонахождение (адрес) создаваемого юридического лица.

## Документы, необходимые для регистрации индивидуального предпринимателя

Для регистрации физического лица в качестве индивидуального предпринимателя необходимо предоставить следующие документы?

1) заявление на государственную регистрацию физического лица в качестве индивидуального предпринимателя по форме, утвержденной органом, осуществляющим государственную регистрацию. В заявлении указываются нижеследующие сведения: а) фамилия, имя отчество физического лица; б) адрес постоянного места проживания в Республике Таджикистан (адрес, по которому индивидуальный предприниматель прописан), адрес временного места проживания и места осуществления деятельности индивидуального предпринимателя, контактные данные физического лица; в) идентификационный номер налогоплательщика (ИНН) физического лица; г) основной вид (основные виды) индивидуальной предпринимательской деятельности, которым (которыми) желает заниматься физическое лицо; д) дата подачи заявления и подпись заявителя.

2) копия документа, удостоверяющего личность физического лица, а также две фотографии размером 4х6;

3) копия сертификата права землепользования или копия решения о выделении земельного участка в случае регистрации индивидуального и семейного дехканского (фермерского) хозяйства, список членов дехканского (фермерского) хозяйства, идентификационные номера налогоплательщиков для каждого из них;

4)копия документа, на основании которого иностранному физическому лицу разрешено пребывание и осуществление предпринимательской деятельности на территории Республики Таджикистан (виза, регистрационная карта, вид на жительство сроком действия не менее шести месяцев);

5) копия документа, удостоверяющего местонахождение (адрес) предпринимательской деятельности физического лица»;

6) квитанция об оплате государственной пошлины и (или) квитанция об авансовой оплате стоимости Патента на право осуществления индивидуальной предпринимательской деятельности за определенное число месяцев (срок действия Патента) - для лиц, желающих получить Патент на право осуществления индивидуальной предпринимательской деятельности.

## Государственная пошлина

В соответствии с Законом Республики Таджикистан "О государственной регистрации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей" и Законом Республики Таджикистан «О государственной пошлины» сумма государственной пошлины для юридических лиц составит – 1350 сомони, а для индивидуальных предпринимателей 110 сомони.

## Сроки регистрации бизнеса

Государственная регистрация создания юридического лица производится до пяти рабочих дней с момента предоставления документов и физического лица (в качестве индивидуального предпринимателя) в течении трех рабочих дней, с выдачей в этот же срок документа, подтверждающего государственную регистрацию юридического лица или индивидуального предпринимателя.

## Что является свидетельством регистрации бизнеса?

Документом, подтверждающим факт государственной регистрации является свидетельство о государственной регистрации юридического лица или индивидуального предпринимателя.

## Налоговый режим для вновь зарегистрированных предпринимателей

В целях поддержки развития малого предпринимательства после государственной регистрации в соответствии с требованиями Налогового кодекса Республики Таджикистан юридическое лица и индивидуальные предприниматели действующий на основе свидетельства осуществляют свою деятельность в упрощенном режиме налогообложения для субъектов малого предпринимательства.

Упрощенный режим налогообложения для субъектов малого предпринимательства (далее – налог по упрощенному режиму) представляет собой специальный налоговый режим, в соответствии с которым субъектами малого предпринимательства налог на прибыль для юридических лиц или подоходный налог для индивидуальных предпринимателей уплачивается в упрощенном порядке.

Субъектами малого предпринимательства, валовой доход которых, исчисляемый по кассовому методу, не превышает 12 полных последовательно (друг за другом) следующих календарных месяцев, не превысил порог один миллион сомони, используется налог по упрощенному режиму. Ставка налога по упрощенному режиму для деятельности по производству товаров составляет 5%, и для иных видов деятельности 6%. Налоговым периодом для данного режима признается квартал.

**Собир ВАЗИРОВ**

**Конфронси байналмилалии сатҳи баланд «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтқавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккил» дар шаҳри Душанбе бори дигар аз мавқеи устувори Тоҷикистон дар муқовимат алайҳи ин зуҳуроти номатлуби ҷаҳонӣ дарак дод.**

# Қадамҳои устувор дар мубориза бо терроризм

Суханронии коршиносону роҳбарони сатҳи баланд, аз ҷумла муовини Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид, вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва шахсони дигари воломақоми созмону ташкилотҳои бонуфӯзи ҷаҳонӣ дар ҳамоиши мазкур далели ҷонибдории доираи васеи кишварҳои олам аз иқдомоти Роҳбарияти олии мамлакати мо дарак медиҳад. Ба вижа ин нуқта мавриди таваҷҷуҳ қарор ёфт, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд: «Имрӯзҳо муборизаи муштарак ва ҳадафмандонаи давлатҳою халқҳо, ниҳодҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятҳо, пеш аз ҳама, бо решаву сабабҳои зуҳуроти терроризм аҳамияти махсус касб менамояд».

Тоҷикистон, яке аз мамлакатҳое мебошад, ки дар сатҳи баргардонидани шаҳрвандони худ аз майдони низоъҳои мусаллаҳона тадбирҳои мушаххас андешидааст. Шаҳрвандони ҷумҳурии мо, ки фирефтаву гумроҳ шуда, ба гурӯҳҳои террористӣ шомил шудаанд, аксарият имрӯз пушаймон ҳастанд. Ҳукумати Тоҷикистон тайи чанд соли охир 300 нафар шаҳрванди худро баргардонд. Охирин маротиба 84 нафар кӯдакро баргардонд, ки ин аз сиёсати хираддмандона ва башардӯстонаи Ҳукумати ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад. Ҳоло Тоҷикистон он шаҳрвандонеро, ки аз кардаи худ пушаймон шуданд, авф намуд ва барои ба зиндагии осоишта роҳнамун сохтани онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад. Ин яке аз роҳҳои муассири коҳиш додани гаравидани ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоию ифротист.

Бо андешидани тадбирҳои натиҷабахш Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар минтақа яке аз кишварҳои калидӣ ба шумор меравад. Соли 2013 қабул гардидани Стратегияи миллии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир барои давраи то соли 2020 дар мамлакат аз ин мавқеъ дарак медиҳад. Гузашта аз ин, дар мамлакат якчанд санадҳои муҳим, аз ҷумла Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025, Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин ва дигар санадҳои меъёрии-ҳуқуқӣ қабул шудааст, ки вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат бо экстремизм ва терроризми байналмилалӣ муайян менамоянд.

Терроризм, дар ҳақиқат, зуҳуроти замони муосир буда, солҳои охир ба тамоми олам хатар ва хисороти зиёдеро ба бор меорад. Асоси онро куштор ҳои беасос, таркишҳои пайдарпай, шиканҷаҳои даҳшатбор, қурбониҳои касношунид, талабҳои ғайриинсонӣ ва мудохила дар умури давлатдорӣ ташкил намуда, бо ин восита ҳазорҳо тан хонавайрон, сарсону саргардон ва садҳо кӯдак овораву дарбадар гардидаанд. Танҳо бо иллати муноқишаҳои мазҳабию динӣ гурезагон беш аз як миллион нафарро ташкил карда, бештарашон азияти рӯҳӣ, моддӣ ва маънавӣ мекашанд.

Тоҷикистон бо кишвари Афғонистон сарҳади тӯлонӣ дорад ва мутаассифона, вазъи имрӯзаи ин давлат тақозо менамояд, ки ба мавзӯи таҳкими сулҳу субoти сартосарӣ таваҷҷуҳи бештар сурат гирад. Ҳоло ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк кардааст, ки хатару таҳдидҳое, ки аз ҷониби Афғонистон мушоҳида мешавад, имрӯз на танҳо мушкилоти ин мамлакат ва минтақа аст, балки хатаре барои ҷаҳон мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мамлакати бо Афғонистон ҳамсоя ҳамеша дар рушди иқтисодию иҷтимоии ин мамлакат талош меварзад.

Барои ҳамин мо бояд дар якҷоягӣ зери сиёсати башардӯстонаи Роҳбари давлатмон муттаҳид шавем ва нагузорем, ки фарзандону бародарони мо бадбахту раҳгум шаванд. Мо бояд дар муттаҳидӣ ба муқобили терроризм муборизаи беамон барем ва нагузорем, ки чунин афрод ба мамлакат хатар эҷод карда, фазои осудаву субoти сартосарии Ватани азизамонро халалдор намоянд. Бовар аст, ки ташаббусҳои Ҳукумати кишвар барои паст гардидани шиддати муноқишаҳои ифротӣ, мубориза бар нашъамандӣ таъсири мусбат расонида, барои оромии вазъи минтақа ва ҷаҳон мусоидат менамояд.

**Муҳаббат РАҲМОНОВА,**
**мутахассиси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Навъи беди хушбӯй
Зулмдида, ситамкаш
меваи сурхи донадор
Хоҳиш, талаб
Ҷойи ворид-шавӣ
Ороиш, зевар
Мурғобӣ




Фиристодан, рои кардан
Калом, гуфтор
гулоб
...ву торо
Сусткор, бешитоб
Ҷӯбтарош
Сутун, поя
Ашӯла, суруд
ПАНРИ
рақами тартибӣ
Муқобили сахт
падар ба забони арабӣ
Садоқат
Дуредгар
Бут
Шиша, булӯр
Зулфия ..., шоира
Об кардан
Ғе
Нишон, ном
БЕР...
Зинапояи ҳаво-паймо
Гузаштан аз оби ҷӯй
Муҳаммад ..., боксёр
Мучрим, содиркунандаи гуноҳ
Ягона, якка, алоҳида
Паридан
Хо Ши ..., доҳии Ветнам
Чорво
Тамғаи ҳаво-паймо
Мулоимӣ
Тамғаи маргарин

## ЭЪЛОН

**МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, бо истифода аз тартиби мазкур, шаҳрвандон ва андозсупорандагон метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои пардохти бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯихати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мешаванд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқарраргардида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон**




**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Абдуасад» (РЯМ 0410032123) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.
■ ҶДММ «СКОРП ТҶ» (РЯМ 0110020424) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, фаъолияташро қатъ мекунад.
■ ҶДММ «Сафиуллоҳ» (РЯМ 080007365) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.
■ ҶДММ «Гулҳои Душанбе» (РЯМ 0110023504) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.
■ Иттиҳодияи ҷамъиятии волидайн ва мураббиёни боғчаи №20 (РМА 030013156) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.
■ Федератсияи Асотсиатсияи истифодабарандагони оби «Баракат», (РЯМ: 3810000517) воқеъ дар ноҳияи Шаҳритус, барҳам мехурад..
■ КТ «Ниёзмуҳаммад» (РЯМ: 3510004044) воқеъ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ барҳам мехурад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Шаҳодатномаи филиали КВД «Тоҷиксуғурта» (РМА 180003833) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи филиали КВД «Тоҷиксуғурта» (РМА 180001121) аз минтақаи Кӯлоб, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сироҷов Абдулҳаким (РЯМ 0331330725) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Иқтибос аз феҳристи ягонаи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54 (РЯМ 1710000435) аз ноҳияи Сангвор, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Исмоилов Рустамшо (РЯМ 0130161497) аз ноҳияи Шоҳмансур, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Исмоилов Обидҷон (РЯМ 3030032125) аз ноҳияи Дӯстӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонии «Азат» (РЯМ 3030020859) аз ноҳияи Дӯстӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Разоқов Аскарҷон (РЯМ 6330007494) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ ҶДММ «Танталит» (РЯМ 030016477) мошини назорати хазинавии тамғаи «Меркурий» №0000000199-ро аз қайд мебарорад.
■ Шаҳодатномаи ААИ силсилаи U02 № 002876, ки он соли 2001 ба ҶДММ «Умед 1» (РМА 020002715, РЯМ 0210010570) дода шудааст, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Носиров Исмоилхон (РЯМ 5530233005) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маҳкамова Фотима (РЯМ 6330110921) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ваҳобова Муҳарам (РЯМ 5530067593) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Рақами мушаххаси андозсупорандаи ҶСНП «Тоҷиккрортстрой» (тахти рақами 050009755) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Кооперативи тиҷоратии "Отамуродбобо" (РЯМ 6210002682) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Исмоилов Сафар (РЯМ 6230015321) аз шаҳри Истаравшан бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Обидов Илҳомҷон (РЯМ 6230154407) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
■ ҶДММ "Муҳаммадрофеъи Оятулло" (РЯМ 1610003881) воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав барҳам мехӯрад
■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ғафурова Моҳидахон (РЯМ 5530075036) аз шаҳри Истаравшан бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ ҶДММ "ДУНЁИ РАНГИН" (РЯМ 010024375, РМА 030002587) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.
■ КТ "Бахром-85" (РМА 190001440) воқеъ дар ноҳияи Восеъ, барҳам мехӯрад
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Назаров Рамазон (РЯМ 1930065115) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста мешавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Каримов Абдулмумин (РЯМ 1930071633) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Исломбекова Зухро Саидбековна (РЯМ 7030013137) аз шаҳри Хоруғ бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи ҶДММ "А-100" (РЯМ 7110001131) аз шаҳри Хоруғ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мазоров Мумтоз (РЯМ 7030020965) аз шаҳри Хоруғ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Маҳмадшариф Шарипов (РЯМ: 2930066700) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
■ Патент соҳибкори инфиродӣ Сайдалиев Шарифҷон (РЯМ: 2830048889) аз шаҳри Бохтар, бинобар гумшуданаш беэътибор дониста шавад.
■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба Х/Д "Мустафо" (РЯМ 6630003958) аз ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сардоров Наврӯз (РЯМ 2830124523) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки мутобиқи муқаррароти моддаи 25 Кодекси андоз гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда ройгон сурат мегирад.

Дар ҳолати аз ҷониби кормандони мақомоти андоз ҳангоми додани рақами мушаххаси андозсупоранда зоҳир шудани рафтори номуносиб метавонед бо рақами содакардашудаи 151 ва ё телефони боварии Раиси Кумитаи андоз: 233-09-05 муроҷиат намоед

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

Аҳли кормандони рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ба мухбири рӯзнома Фирдавси Абдураҳмон нисбати вафоти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба ӯ ва аҳли оилаи марҳум аз Худои таоло сабри ҷамил меҳоҳанд.

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ДАВРАИ СОТСИАЛИЗМИ МУТАРАҚҚӢ ВА СОТСИАЛИЗМИ ПАСИН

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

«Доменҳо – чунин моликияти давлатанд, ки таъиноташон ба хазинаи давлат даромад овардан аст. Ба чунин моликияти давлатӣ бояд нисбат дод: 1) ҳар гуна замине, ки барои фарҳанг таъин мегардад; 2) ҷангалҳо; 3) ҳуқуқи ашё барои истифода кардан аз моликияти хусусӣ № 4) ҳар гуна сармояе, ки ба давлат мансуб аст. Дар амал аз рӯи даромаднокӣ ду гурӯҳи аввал аҳамият дорад».

### БОБИ IV

### БАРҚАРОРШАВӢ ВА РУШДИ НИЗОМИ АНДОЗИ МИЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ ДАВРАИ ГУЗАРИШ

### ОҒОЗИ ИСЛОҲОТИ АНДОЗ ВА ТАШАККУЛИ ЗАМИНАҲОИ НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1992 – 1995)

Барқароршавии низоми миллии андоз дар Тоҷикистон аз замони эълом доштани Истиқлолияти ҷумҳурӣ – 9 сентябри соли 1991 оғоз ёфт. Дар назди давлат масъалаи бунёд намудани низоми мустақили миллӣ, яке аз нишонаҳои муҳими истиқлолияти давлат, пеш омад.

Бунёд намудани низоми миллии андоз яке аз вазифаҳои муҳими иқтисодиёти давраи гузариш буд, вале ҳалли он аз ташаккули соҳаҳои гуногуни давлатдории мустақилона ва интихоби модели рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар вобаста буд. Масъалаҳои сегона дар шароити мураккаби иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дар шароити надоштани таҷриба, рӯй овардан ба санҷишҳо, роҳ додан ба ғалатҳо, истифода аз қолабҳое, ки дар кишварҳои дигари собиқ Шӯравӣ, масалан Россия аз онҳо истифода мешуд, ҳал мегардиданд. Солҳои 1991 – 1993 шаклҳои асосии сохтори ояндаи давлат, амсилаи (модели) рушди иқтисод ва низоми миллии андоз тарҳрезӣ шуданд.

Шакли идораи президентӣ ҳамчун шакли идораи давлат пазируфта шуд; давлат дар Конститутсия ки 6 ноябри соли 1994 қабул шуд, демократӣ, дунявӣ, иҷтимоӣ ва ягона эълон гардид. Бад-ин васила заминаи сиёсии низоми андози кишвар бунёд ёфт.

Дар охири соли 1993 тавассути парламенти кишвар эълом гардид, ки дар ҷумҳурӣ бо дарназардошти анъанаҳои миллии таърихӣ модели иқтисоди бозаргонии тамоюли иҷтимоидошта чун модели рушди иҷтимоиву иқтисодӣ пеш гирифта мешавад. Вобаста ба роҳи интихобгардида ҳадафҳо ва мундариҷаву муҳтавои ислоҳоти иқтисодӣ – дигаргунсозии мероси гузашта – тарзи роҳбарии фармонфармоӣ – маъмурии низоми иқтисодӣ ба иқтисоди бозаргонии миллии тамоюли иҷтимоидошта оғоз ёфт ва он имконият фароҳам овард, ки низоми андоз муайян гардад, чунки низоми андоз мебоист ба низоми умумии иқтисодии интихобкарда мувофиқат бикунад.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

# Хӯроки бемазза- сабаби бемориҳои асаб



**Муҳаққиқони исроилӣ ақида доранд, ки хӯрокҳои бетаъм ва якхела метавонанд боиси бемориҳои асаб гарданд.**

Онҳо тадқиқоте гузаронида, ба хулоса омаданд, ки ҳама гуна хӯрокҳои бетаъму бемазза ба руҳияи инсон таъсир расонида, онҳоро рӯҳафтода месозад ва оқибат боиси хастагӣ мегардад. Парҳези қатъӣ, ки дар он хӯрокҳои нохушу ба завқи кас номувофиқ ҷой доранд, воқеан як дарди сар аст.

Тибқи ақидаи мутахассисон ин гуна хӯрокро шахсони гирифтори афсурдаҳолӣ (депрессия) нисбатан безарар қабул карда метавонанд. Онҳоеро ҳассосияташон зиёд аст, хӯроки бемазза нафратовар мегардад. Беморон таъми одаткардаашонро пайдо накарда, танҳо аз рӯи зарурат хӯрок мехӯранд. Албатта, дар ин ҳол назорат кардани ҳаҷму миқдори хӯроки хӯрданишуда душвор аст. Аз ин рӯ, онҳо ба фарбеҳшавӣ низ гирифтор мегарданд. Ин ҳол бештар ба занон таъсир мерасонад.

## Суханони ҳакимона

Гуфтам:
—Чӣ чиз аст, ки донишро биороял?
Гуфт:
—Ростӣ!
Гуфтам:
—Оқилро аз корҳо чӣ беҳтар аст?
Гуфт:
—Он ки аз бадӣ худро нигоҳ дорад.
Гуфтам:
—Аз зиндагонӣ кадом соат бесамартар аст?
Гуфт:
—Он соат, ки некӯие дар ҳаққи касе тавонӣ кард ва накунӣ.
Гуфтам:
—Беҳтар дар зиндагонӣ чист?
Гуфт:
—Фароғат ва эминӣ.
Гуфтам:
—Бадтар аз марг чист?
Гуфт:
—Хӯрдану хуфтан.



## Уқоби 61 – метра

Ҳиндустон мамлакатест, ки бо манзараҳои ҳайратангез, таърихи фарҳанги қадима ва маъбадҳояш машҳур мебошад. Он дар рӯйхати хатсайрҳои ҷаҳонӣ мақоми хос дорад. Ҳоло хоҳишмандон метавонанд барои дидани ҳайкали аҷоиби уқоб низ ба ин ҷо оянд.

Ҳайкал дар қарибии Керала ҷойгир шуда, бар эпоси машҳури «Рамаяна» асос ёфтааст. Уқоби асотирӣ дар муҳорибаҳо бо Равана барои наҷот додани олиҳаи ҳиндӣ Сита ҳалок мешавад.

Айни замон, офаридаи Раҷив Анчал калонтарин муҷассамаи паранда дар ҷаҳон ба шумор меравад, ки дарозии он 61 метрро ташкил медиҳад. Муаллиф ин асари худро дар муддати 10 сол омода намудааст. Чуноне худи Раҷив Анчал мегӯяд: «Вақте бори аввал намунаи муҷассамаро ба департаменти сайёҳӣ пешниҳод намудам, онҳо ин лоиҳаро афсонавӣ ва амалинашаванда ҳисобида буданд».

## Антарктида – қитъаи хушктарини замин

Антарктида қитъаест, ки дар он элементҳои асосии табиӣ – барф, об, ях ва кӯҳ ҷой доранд. Ҳарчанд дар Арктика хирсҳо ҳокими мутлақанд, бошандагони ин қитъа аксаран пингвинҳоянд.

Антарктида қитъаи аз ҳама хушктарини кураи Замин буда, соле ду маротиба дар самти ҷанубии он борони кӯтоҳмуддат меборад. Дар он дарёҳо низ ҷорӣ мешаванд, ки Оникс яке аз онҳост. Дарозии он 40 километрро ташкил дода, шохобҳояш ба кӯли Ванда, воқеъ дар доманаи Райт мерезанд.

Антарктида ягона қитъае аст, ки ҳеҷ кишваре онро ба тобеияти худ надаровардааст. Ҳарчанд одамон дар ин ҷо зиндагӣ намекунанд, тобистон теъдоди олимону муҳаққиқони ба экспедитсия омада то 5000 касро ташкил медиҳад. Аз ин ҳисоб 1000 муҳаққиқ зимистон монда, бо корҳои омӯзишӣ машғул мешаванд.

## Омори сигоркашӣ дар ҷаҳон



Майлу рағбат ба сигоркашӣ миллионҳо одамро дар аксои олам ба ҳалокат мерасонад. Бо дарки ин матлаб солҳои охир мубориза бар зидди он пурзӯр гардидааст. Дар натиҷа, шумораи сигоркашон дар ҷаҳон рӯ ба камшавӣ ниҳодааст. Агар соли 2000-ум байни ашхоси аз 15-сола боло сигоркашҳо 27,7 дарсадро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2016 ба 20,5 дарсад баробар шуд.

**Кишварҳое, ки дар онҳо аз ҳама бештар сигор мекашанд (ба ҳисоби 1 дона сигор дар 1 сол ба ҳар сари одам) инҳо мебошанд:**

1) Андора – 6398; 2) Люксембург – 6331; 3) Беларус -2911; 4) Македония – 2785; 5) Албания – 2492; 6) Белгия – 2441; 7) Чехия – 2428; 8) Урдун – 2306; 9) Россия – 2295; 10) Сурия – 2292.

**Кишварҳое, ки дар онҳо аз ҳама кам сигор мекашанд, инҳоянд:**

1) Бруней – 10; 2) Гвинея – Бисай – 25; 3) Мавритания – 41; 4) Гана – 41; 5) Антигуа ва Барбуд – 89; 6) Ҳиндустон – 89; 7) Свазиленд – 92; 8) Эквадор – 93; 9) Руанда – 94; 10) Перу – 98.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Абдуфаттоҳ ВОҲИДОВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 57 772